# Паёмбари уммӣ

*Муртазо Мутаҳҳарӣ*

*Баргадон ва таҳия аз:*

**Сайидюнуси Истаравшанӣ**

# Фехристи матолиб


Муқаддима..........3

**Расули дарснохонда..........4**

Эътирофоти дигарон..........4

Пайдоиши хатт дар Ҳиҷоз..........7

Давраи рисолат ва махсусан давраи Мадина..........9

**Дабирони Пайғамбар..........11**

**Ҷараёни Ҳудайбия..........14**

**Иддаъои аҷиб..........18**

1) Оё маншаъи эътиқод ба дарснохондагии Пайғамбар тафсири калимаи ”уммӣ“ будааст?..........19

Мафҳуми калимаи “уммӣ”..........22

1. Дарснохонда ва ноошно ба хатт ва навишта..........22

2. Аҳли Уммулқуро..........22

3. Мушрикини араб, ки тобеъи китоби осмонӣ набуданд..........24

2) Оё аз Қуръон истифода мешавад, ки Расули Акрам мехонда ва менавиштааст?..........27

3) Таърих ва ҳадис..........34

**Иттиҳоми мухолифон..........37**

**Натиҷа..........38**

بسم الله الرحمان الرحيم

## Муқаддима

Китоби ҳозир дар асл мақолае будааст ба қалами мутафаккири шаҳид устод Муртазо Мутаҳҳарӣ, ки дар соли 1347 ҳиҷрии шамсӣ баробар бо 1969 мелодӣ дар китоби ”Муҳаммад (с), хотами паёмбарон“- ки ба муносибати оғози 15-умин қарни беъсат аз сӯйи муассисаи Ҳусайнияи Иршод мунташир шуд — ба чоп расид ва пас аз он ва дар замони ҳаёти устоди шаҳид низ ба сурати рисолае кучак ба зинати табъ музайян гардид ва акнун бо феҳристҳои мухталиф ба чоп мерасад.

Инак, матни ин китоб:

## Расули дарснохонда

Яке аз нукоти равшани зиндагии Расули Акрам (с) ин аст, ки дарснохонда ва мактабнодида будааст; назди ҳеч муаллиме наомӯхта ва бо ҳеч навишта ва дафтар ва китобе ошно набудааст. Аҳаде аз муаррихон, мусалмон ё ғайримусалмон, муддаъӣ нашудааст, ки он ҳазрат дар даврони кӯдакӣ ё ҷавонӣ, чӣ расад ба даврони кухулат ва пирӣ, ки давраи рисолат аст, назди касе хондан ё навиштан омӯхтааст ва ҳамчунин аҳаде иддаъо накарда ва мавридеро нишон надодааст, ки он ҳазрат қабл аз даврони рисолат як сатр хонда ва ё як калима навиштааст.

Мардуми араб, билахасс араби Ҳиҷоз, дар он асру аҳд ба таври куллӣ мардуме бесавод буданд. Афроде аз онҳо, ки метавонистанд бихонанд ва бинависанд ангуштшумор ва ангуштнамо буданд. Одатан мумкин нест, ки шахсе дар он муҳит ин фаннро биёмӯзад ва дар миёни мардум ба ин сифат маъруф нашавад.

Чунонки медонем — ва баъдан дар бораи ин матлаб баҳс хоҳем кард — мухолифони Пайғамбари Акрам дар он таърих ӯро ба ахзи (дарёфти) матолиб аз афвоҳи (даҳони) дигарон муттаҳам карданд, вале ба ин ҷиҳат муттаҳам накарданд, ки чун босавод аст ва хондан ва навиштан медонад, китобҳое назди худ дорад ва матолибе, ки меоварад, аз он китобҳо истифода кардааст. Агар Пайғамбар кучактарин ошноӣ бо хондан ва навиштан медошт, қатъан мавриди ин иттиҳом воқеъ мешуд.

## Эътирофоти дигарон

Ховаршиносон низ, ки бо дидаи интиқод ба таърихи исломӣ менигаранд, кучактарин нишонае бар собиқаи хондан ва навиштани Расули Акрам наёфта, эътироф кардаанд, ки ӯ марде дарснохонда буд ва аз миёни миллате дарс нохонда бархост.

Карлейл (*Thomas Carlyle*) дар китоби маъруфи “Қаҳрамонон”[1]

“*Як чизро набояд фаромӯш кунем ва он ин ки Муҳаммад ҳеч дарсе аз ҳеч устоде наомӯхтааст, санъати хат тоза дар миёни мардуми араб пайдо шуда буд. Ба ақидаи ман, ҳақиқат ин аст, ки Муҳаммад бо хатту хондан ошно набуд, ҷуз зиндагии саҳро чизе наомӯхта буд.*”

Вилл Дюрант дар “Таърихи тамаддун” мегӯяд:

---

[1] *Исми комили китоб ин аст: “Дар бораи қаҳрамонон, ситоиши қаҳрамон ва нақши қаҳрамонӣ дар таърих”* (*On Heroes, Hero-Worship, and the Heroic in History*)

"*Зоҳиран ҳеч кас дар ин фикр набуд, ки вайро (Расули Акрамро) навиштан ва хондан омӯзад. Дар он мавқеъ ҳунари навиштан ва хондан ба назари аъроб аҳаммияте надошт; ба ҳамин ҷиҳат дар қабилаи Қурайш беш аз 17 тан хондан ва навиштан намедонистанд. Маълум нест, ки Муҳаммад шахсан чизе навишта бошад. Аз паси паямбарӣ котиби махсус дошт. Бо вуҷуди ин, маъруфтарин ва балиғтарин китоби забони арабӣ ба забони вай ҷорӣ шуд ва дақоиқи умурро беҳтар аз мардуми таълимдода шинохт.*" (*Таърихи тамаддун, тарҷумаи форсӣ, ҷ.11, с.14*)

Ҷон Дэвенпорт (*John Davenport*) дар китоби "Узри тақсир ба пешгоҳи Муҳаммад ва Қуръон" мегӯяд:

"*Дар бораи таҳсил ва омӯзиш, он тавре, ки дар ҷаҳон маъмул аст, ҳама мӯътақиданд, ки Муҳаммад таҳсил накарда ва ҷуз он чи дар миёни қабилааш роиҷ ва маъмул буда чизе наомӯхтааст." (Узри тақсир ба пешгоҳи Муҳаммад ва Қуръон, с.17 ва 18*)

Константин Вирҷил Георгиу (*Constantin Virgil Gheorghiu*) дар китоби "Муҳаммад, пайғамбаре, ки аз нав бояд шинохт" мегӯяд:

"*Бо ин ки уммӣ буд, дар аввалин оёт, ки бар вай нозил шуда сӯҳбат аз қалам ва илм, яъне навиштан ва нависонидан ва фаро гирифтан ва таълим додан аст. Дар ҳеч як аз адёни бузург ин андоза барои маърифат қоил ба аҳаммият нашудаанд ва ҳеч динеро наметавон ёфт, ки дар мабдаъи он, илму маърифат ин қадр арзиш ва аҳаммият дошта бошад. Агар Муҳаммад як донишманд буд, нузули ин оёт дар ғор (-и Ҳиро) тавлиди ҳайрат намекард, чун донишманд қадри илмро медонад, вале ӯ савод надошт ва назди ҳеч омӯзгоре дарс нахонда буд. Ман ба мусалмонҳо таҳният мегӯям, ки дар мабдаъи дин онҳо касби маърифат ин қадр боаҳаммият талаққӣ шуда." (Муҳаммад, пайғамбаре, ки аз нав бояд шинохт, с.45*)

Гюстав Лебон дар китоби маъруф худ, "Тамаддуни ислом ва араб" мегӯяд:

"*Ин тавр маъруф аст, ки Пайғамбар уммӣ будааст ва он мақрун ба қиёс ҳам ҳаст. Зеро аввалан агар аз аҳли илм буд, иртиботи матолиб ва фақароти Қуръон ба ҳам беҳтар мешуд. Ба иловаи он ҳам, қарини қиёс аст, ки агар Пайғамбар уммӣ набуд, наметавонист мазҳаби ҷадиде шойеъ ва мунташир созад, барои ин ки шахси уммӣ ба эҳтиёҷоти ашхоси ҷоҳил бештар ошност ва беҳтар метавонад онҳоро ба роҳи рост биёварад. Ба ҳар ҳол, Пайғамбар уммӣ бошад ё ғайри уммӣ, ҷойи ҳеч тардиде нест, ки ӯ охирин дараҷаи ақл ва фаросат ва ҳушро доро будааст." (Тамаддуни ислом ва араб, с.20*)

Гюстав Лебон ба иллати ошно набудан бо мафоҳими қуръонӣ ва ҳам ба хотири афкори моддӣ, ки доштааст, сухани ёвае дар бораи иртиботи оёти Қуръон ва дар бораи оҷиз

будани олим аз дарки эҳтиёҷоти ҷоҳил мебофад ва ба Қуръон ва Пайғамбар иҳонат мекунад, дар айни ҳол эътироф дорад, ки ҳеч гуна санаде ва нишонае бар собиқаи ошноии Пайғамбарт ислом бо хондан ва навиштан вуҷуд надорад.

Ғараз аз нақли сухан инон, истишҳод ба суханашон нест. Барои изҳори назар дар таърихи ислом ва машриқ, худи мусалмонон ва машриқзаминиҳо шоистатаранд. Нақли сухани инон барои ин аст, ки касоне, ки худ шахсан мутолеае надоранд, бидонанд, ки агар кучактарин нишонае дар ин замина вуҷуд медошт, аз назари муаррихони кунҷков ва мунтақиди ғайри мусалмон пинҳон намемонд.

Расули Акрам дар хилоли сафаре, ки ҳамроҳи Абӯтолиб ба Шом рафт, зимни истироҳат дар яке аз манозили байни роҳ, бархӯрди кӯтоҳе бо як роҳиб ба номи Буҳайро[2] доштааст. Ин бархӯрд таваҷҷӯҳи ховаршиносонро ҷалб кардааст, ки оё Пайғамбари Ислом аз ҳамин бархӯрди кӯтоҳ чизе омӯхтааст?

Вақте, ки чунин ҳодисаи кучаке таваҷҷӯҳи мухолифонро дар қадиму ҷадид барангезад, ба тариқи авло агар кучактарин санаде барои собиқаи ошноии Расули Акрам бо хондан ва навиштан вуҷуд медошт, аз назари онон махфӣ намемонд ва дар зери заррабинҳои қавии ин гурӯҳ чандин бор бузургтар намоиш дода мешуд.

Барои ин ки матлаб равшан шавад, лозим аст дар ду қисмат баҳс шавад:

1) давраи қабл аз рисолат;

2) давраи рисолат.

Дар давраи рисолат низ аз ду назар бояд матлаб мавриди мутолеа қарор гирад:

1) навиштан;

2) хондан.

Баъдан хоҳем гуфт, он чи қатъӣ ва мусаллам аст ва мавриди иттифоқи уламои муслимин ва ғайри онҳост ин аст, ки эшон қабл аз рисолат кучактарин ошноӣ бо хондан ва навиштан надоштаанд. Аммо давраи рисолат он андоза қатъӣ нест. Дар давраи рисолат низ он чи мусалламтар аст, нанавиштани эшон аст, вале нахонданашон он андоза мусаллам нест. Аз бархе ривоятҳои шиъа зоҳир мешавад, ки эшон дар давраи рисолат мехондаанд, вале наменавиштаанд, ҳарчанд ривоятҳои шиъа низ дар ин ҷиҳат ваҳдат ва

---

[2] *Профессор Массинон (*Louis Massignon*), исломшинос ва ховаршиноси маъруф, дар китоби "Салмони пок", дар асли вуҷуди чунин шахсе, то чӣ расад ба бархӯрди Пайғамбар бо ӯ, ташкик мекунад ва ӯро шахсияти афсонаӣ талаққӣ менамояд, мегӯяд: "Буҳайро Сергиес ва Тамими Дорӣ ва дигарон, ки ровиҳо дар перомуни Пайғамбар ҷамъ кардаанд, ашбоҳи машкук ва ноёфтанианд.*"

татобуқ надоранд. Он чи аз маҷмӯъи қароин ва далоил истифода мешавад ин аст, ки дар давраи рисолат низ на хондаанд ва на навиштаанд.

Барои ин ки давраи моқабли рисолатро расидагӣ кунем, лозим аст дар бораи вазъи умумии Арабистон дар он аср аз лиҳози хондан ва навиштан баҳс кунем. Аз тарих чунин истифода мешавад, ки муқорини зуҳури ислом, афроде дар он муҳит, ки хондан ва навиштан медонистаанд, бисёр маъдуд будаанд.

## Пайдоиши хатт дар Ҳиҷоз

Балозурӣ дар охири "Футуҳ ал-булдон" оғози пайдоиши хаттро дар миёни аъроби Ҳиҷоз чунин зикр мекунад:

"*Аввалин бор се нафар аз қабилаи Тай (ки дар муҷовирати Шом буданд) хатт (хатти арабӣ)-ро вазъ карданд ва ҳиҷои арабиро ба ҳиҷои сурёнӣ қиёс карданд. Баъд иддае аз аҳли Анбор ин хаттро аз он се нафар омӯхтанд ва аҳли Ҳира аз аҳли Анбор фаро гирифтанд. Бишр ибни Абдулмалики Кендӣ, бародари Укайдир ибни Абдулмалики Кендӣ, амири Думатулҷандал, ки насронӣ буд, дар рафту омадҳои худ ба Ҳира хатти арабиро аз аҳли Ҳира ёд гирифт. Ҳамин Бишр барои коре ба Макка рафт ва Суфён ибни Умайя (амуи Абӯсуфён) ва Абӯқайс ибни Абдиманоф ибни Зуҳра ӯро диданд, ки менавишт, аз ӯ хостанд, ки навиштанро ба онҳо таълим кунад ва ӯ ба онҳо таълим кард. Баъд худи Бишр бо ин ду нафар дар як сафари тиҷоратӣ ба Тоиф рафтанд, Ғайлон ибни Саламаи Сақафӣ дар Тоиф хатт навиштанро аз онҳо омӯхт. Баъд Бишр аз он ду нафар ҷудо шуд ва ба диёри Миср рафт. Амр ибни Зурора, ки баъд ба Амри котиб маъруф шуд, навиштанро аз ӯ омӯхт. Сипас Бишр ба Шом рафт ва дар он ҷо иддаи зиёде аз ӯ фаро гирифтанд*."

Ибни ан-Надим дар "Ал-феҳрист", фанни аввал аз мақолаи уло, ба қисмате аз гуфтаҳои Балозурӣ ишора мекунад. (*Ал-феҳрист, с.13*) Ибни ан-Надим аз Ибни Аббос ривоят мекунад, ки аввал касе, ки хатти арабӣ навишт, се нафар аз мардони қабилаи Булон буданд, ки қабилае аст дар Анбор ва аҳли Ҳира аз мардуми Анбор фаро гирифтанд.

Ибни Халдун низ дар муқаддимаи хеш фасли:

في أن الخط والكتابة من عداد الصنائع الإنسانية

— қисмате аз гуфтаҳои Балозуриро зикр ва таъйид мекунад. (*Муқаддимаи Ибни Халдун, с.492*)

Балозурӣ бо санад ривоят мекунад, ки ҳангоми зуҳури ислом, дар ҳамаи Макка чанд нафар босавод буданд. Мегӯяд:

*“Ислом зуҳур кард ва дар Қурайш фақат 17 нафар санъати навиштанро медонистанд: Умар ибни Хаттоб, Алӣ ибни Абӯтолиб, Усмон ибни Аффон, Абӯубайдаи Ҷарроҳ, Талҳа, Язид ибни Абӯсуфён, Абӯҳузайфа ибни Рабиъа, Ҳотиб ибни Амри Омирӣ, Абӯсаламаи Махзумӣ, Абон ибни Саъиди Умавӣ, Холид ибни Саъиди Умавӣ, Абдуллоҳ ибни Саъд ибни Абисарҳ, Ҳувайтиб ибни Абдулуззо, Абӯсуфён ибни Ҳарб, Муовия ибни Абӯсуфён, Ҷуҳайм ибни Салт, Ало ибни Ҳазрамӣ, ки аз ҳампаймонони Қурайш буд, на аз худи Қурайш.”*

Балозурӣ фақат як зани кураширо ном мебарад, ки дар давраи ҷоҳилият муқорини зуҳури ислом, хондан ва навиштан медонист ва ӯ Шифо духтари Абдуллоҳи Адвӣ буд. Ин зан мусалмон шуд ва аз муҳоҷирони аввалӣ ба шумор меравад. Балозурӣ мегӯяд:

*“Ин зан ҳамон аст, ки Ҳафса, ҳамсари Пайғамбарро навиштан омӯхт ва рӯзе Пайғамбари Акрам ба ӯ фармуд:*

ألا تعلّمين حفصة رقية النملة كما علّمتها الكتابة

*Яъне ҳамчунон ки навиштанро ба Ҳафса омӯзонидӣ, хуб аст “руқятун-намла”-ро*[3] *низ ба вай биёмӯзонӣ.”*

---

[3] *Дар “Футуҳ ал-булдон” ин калимаро “руқнатун-намла” забт карда, ки албатта иштибоҳи нусха аст ва саҳеҳи он ҳамон тавр, ки дар “Ан-ниҳоя”-и Ибни Асир, моддаи “намл“ забт шудааст, “руқятун-намла” аст. Руқя ҷумлаҳое буда вирдмонанд, ки мехондаанд ва онро барои дафъи бало ё беморӣ муфид медонистаанд. Ибни Асир дар моддаи “рақӣ” мегӯяд: баъзе аз ахбори манқул аз Пайғамбари Акрам “рақӣ”-ро манъ ва баъзе таҷвиз кардааст ва худ муддаҳӣ мешавад, ки аҳодиси манъ нозир аст ба таъвиз ба ғайри номи Худо ва ба ин ки инсон таваккулашро аз Худо баргирад ва ба ин таъвизҳо эътимод кунад. Ва аҳодиси таҷвиз нозир ба ин аст, ки касе мутавассил ба асмои илоҳӣ шавад ва аз Худованд асар бихоҳад. Ибни Асир дар моддаи “намл” мегӯяд: он чи ба номи “руқятун-намла” маъруф аст, дар воқеъ аз навъи “рақӣ “набудааст, ҷумлаҳое буда маъруф ва ҳама медонистанд нафъу зараре намерсонад. Расули Худо ба сурати шӯхӣ ва зимнан навъе киноя, ба ҳамсараш Ҳафса он суханро ба Шифо фармуд. Ҷумлаҳо ин будааст:*

***العروس تحتفل وتختضب وتكتحل وكل شيء تفتعل غير أن لا تعصي الرجل***

*Яъне арӯс дар миёни ҷамъ менишинад, ранг мебандад, сурма мекашад, арӯс ҳама кор мекунад ҷуз ин ки шавҳарашро нофармонӣ намекунад. Ин ҷумлаҳоро “руқятун-намла” меномиданд ва зоҳиран дар ин номгузорӣ низ навъе шӯхӣ ва танз ба кор рафтааст. Ибни Асир мегӯяд: Расули Акрам аз рӯйи шӯхӣ ва танз ба Шифо фармуд: ҳамон тавре, ки*

Балозурӣ он гоҳ чанд зан аз занони мусалмонро ном мебарад, ки дар давраи ислом, ҳам мехонданд ва ҳам менавиштанд ва ё танҳо мехонданд. Мегӯяд:

"*Ҳафса ҳамсари Пайғамбар менавишт. Умми Кулсум духтари Уқба ибни Абӯмуъит (аз занони муҳоҷири аввалӣ) низ менавишт. Оиша духтари Саъд гуфт: падарам ба ман навиштан омӯхт. Карима духтар Миқдод низ менавишт. Оиша (ҳамсари Пайғамбар) мехонд, вале наменавишт, ҳамчунин Умми Салама.*"

Балозурӣ сипас номи касонеро, ки дар Мадина симати дабирии Расули Худоро доштанд зикр мекунад, он гоҳ мегӯяд: муқорини зуҳури ислом фақат 11 нафар аз мардуми Авс ва Хазраҷ (ду қабилаи маъруфи сокини Мадина) санъати хаттро медонистанд ва номи онҳоро ҳам зикр мекунад. Маълум мешавад, санъати хатт тоза вориди муҳити Ҳиҷоз шуда будааст ва авзоъ ва аҳволи муҳити он рӯзи Ҳиҷоз чунон буда, ки агар касе хондан ё навиштан медонист, маъруфи хоссу омм мешуд. Афроде, ки муқорини зуҳури ислом ин санъатро медонистанд, чӣ дар Макка ва чӣ дар Мадина, маъруф ва ангуштнамо ва маъдуд ва ангуштшумор буданд, бинобар ин номашон дар таърих сабт шуд. Ва агар Расули Худо дар зумраи онон мебуд, қатъан ба ин санъат шинохта мешуд ва номаш дар зумраи онон бурда мешуд ва чун исме аз он ҳазрат дар зумраи онон нест, маълум мешавад ба таври қатъ ӯ бо хондан ва навиштан сару кор надоштааст.

## Давраи рисолат ва махсусан давраи Мадина

Аз маҷмӯъи қароин ба даст меояд, ки Расули Акрам дар давраи рисолат низ на хонд ва на навишт, вале уламои исломӣ чӣ шиъа ва чӣ суннӣ дар ин ҷиҳат ваҳдати назар надоранд, баъзе истибъод кардаанд, ки чӣ гуна мумкин аст ваҳй — ки ҳама чизро меомӯхтааст — хондан ва навиштанро ба ӯ наомӯхта бошад? Дар чандин ривоят аз ривоятҳои шиъа ворид шуда, ки он ҳазрат дар даврони рисолат мехонда, вале наменавиштааст, аз он ҷумла ривояте аст, ки Садуқ дар "Илалуш-шаройеъ" овардааст:

"*Аз миннатҳои Худо бар паёмбараш ин буд, ки мехонд, вале наменавишт. Ҳангоме, ки Абӯсуфён мутаваҷҷеҳи Уҳуд шуд, Аббос, амуи Пайғамбар номае ба он ҳазрат навишт. Вақте нома расид, ки ӯ дар яке аз боғҳои атрофи Мадина буд. Пайғамбар номаро хонд,*

---

*навиштанро ба Ҳафса ёд додӣ, хуб буд руқятун-намла"-ро низ ёд медодӣ. Ишора ба ин ки ин хонум фармони маро итоат накард ва розе, ки ба ӯ гуфта будам (дар таърих маъруф аст ва ояти аввали сураи Таҳрим нозир ба он аст)-ро ифшо намуд.*

*вале асҳобашро ба мазмуни нома огоҳ накард, амр кард, ҳама ба шаҳр биравванд. Ҳамин ки ба шаҳр рафтанд, мавзӯъро ба иттилоъи онҳо расонид.“ (“Биҳор”, ҷ.16, с.133*)

Вале дар “Сираи Зайнӣ Даҳлон” ҷараёни номаи Аббосро бар хилофи ривояти “Илалуш-шаройеъ” нақл мекунад, мегӯяд:

“*Ҳамин ки номаи Аббос ба Расули Худо расид, мӯҳрашро боз кард, ба Убай ибни Каъб дод бихонад. Каъб хонд ва Пайғамбар дастур дод, кетмон кунад. Пас аз он Расули Худо бар Саъд ибни Рабеъ, саҳобии маъруф ворид шуд ва мавзӯъи номаи Аббосро бо ӯ дар миён гузошт ва аз ӯ низ хост, феълан мавзӯъро пинҳон нигаҳ дорад.“ (Сираи Зайнӣ Даҳлон, дар ҳошияи Сираи Ҳалабия, ҷ.2, с.24*)

Баъзе мӯътақиданд, ки он ҳазрат дар давраи рисолат, ҳам мехонда ва ҳам менавиштааст. Сайиди Муртазо — ба нақл “Биҳорул-анвор” — мегӯяд:

“*Ақидаи Шаъбӣ ва ҷамоате аз аҳли илм ин аст, ки Расули Акрам аз дунё нарафт, магар ин ки ҳам хонд ва ҳам навишт.“ (“Биҳор”, ҷ.16, с.135, ҳамчунин Маҷмаъул-баён зайли ояти 48 аз сураи Анкабут*)

Сайиди Муртазо худ ба ҳадиси маъруфи давот ва қалам (ё давот ва шона) истинод мекунад, мегӯяд:

“*Дар ахбори мӯътабар ва дар таърихҳо ворид шуда, ки он ҳазрат дар ҳини вафот фармуд, давот ва шона биёваред, то барои шумо дастуре бинависам, ки баъд аз ман гумроҳ нашавед.“ (“Биҳор”, ҷ.16, с.135*)

Истинод ба ҳадиси давот ва қалам, истиноди саҳеҳе нест. Ин ҳадис сароҳат надорад, ки Расули Худо мехостааст, бо дасти худ бинависад. Агар фарз кунем, мехостааст дар ҳузури ҷамъ фармон бидиҳад, бинависанд ва онҳоро шоҳид бигирад ва ба унвони шаҳодат аз онҳо имзо бигирад, боз таъбири ин ки ”мехоҳам барои шумо чизе бинависам, ки гумроҳ нашавед“ саҳеҳ аст. Ба истилоҳи адабӣ, ин гуна таъбирот ”иснод маҷозӣ” аст. Исноди маҷозӣ аз вуҷуҳи фасоҳат аст ва дар забони арабӣ ва ғайри арабӣ шойеъ аст.

# Дабирони Пайғамбар

Аз нусуси таърихҳои мӯътабар ва қадимии исломӣ ба даст меояд, ки Расули Худо дар Мадина гурӯҳе “дабир “доштааст. Ин дабирони ваҳйи Худо, суханони Пайғамбар, ақдҳо ва муомилоти мардум, аҳдҳо ва паймонномаҳои Расули Худо бо мушрикин ва аҳли китоб, дафотири садақаҳо ва молиётҳо, дафотири ғаноим ва ахмос ва номаҳои фаровони он ҳазратро ба атрофу акноф менавиштаанд.

Илова бар ваҳй Худо ва суханони шифоҳии он ҳазрат, ки навишта шуда ва боқӣ аст, аҳдномаҳо ва бисёре аз номаҳои Расули Худо низ дар матни таърих сабт шудааст. Муҳаммад ибни Саъд дар “Ат-табақот ал-кубро” (*ҷ.2 с.10-38*) дар ҳудуди сад нома аз он ҳазрат, ки матни аксари онҳоро овардааст нақл мекунад.

Бархе аз ин номаҳо ба салотин ва ҳукмронони ҷаҳон ва руасои қабоил ва ҳуккоми дастнишондаи румӣ ё эронии халиҷи Форс ва соири шахсиятҳост ва муштамил бар даъват ба ислом аст, бархе дигар ҳукми бахшнома ва дастуруламал дорад ва ҷузъи мадорики фиқҳии ислом ба шумор меравад, бархе дигар ба манзури корҳои дигар аст. Бисёре аз он номаҳо маълум аст, ки ба хатти чӣ касе аст, котиб номи худро дар охири нома қайд кардааст. Гӯянд, аввал касе, ки ин суннатро дар он ҷо роиҷ кард, ки номи котиб дар охири нома қайд шавад, Убай ибни Каъб, саҳобии маъруф аст.

Ҳеч як аз ин номаҳо ва паймонномаҳо ва дафотирро Расули Худо ба хатти худ нанавиштааст, яъне як ҷо намебинем, ки гуфта бошанд, фалон номаро Расули Худо ба хатти худ навишт. Болотар ин ки ҳеч ҷо дида намешавад, ки Расули Худо як ояти Қуръонро ба хатти худ навишта бошад, дар сурате, ки котибони ваҳй ҳар кадом ба хатти худи Қуръоне навиштаанд. Оё мумкин аст Расули Акрам хатт бинависад ва он гоҳ ба хатти худ Қуръоне ё сурае аз Қуръон ва лоақал ояте аз Қуръон нанависад?!

Дар китобҳои таърих номи дабирони Расули Худо омадааст. Яъқубӣ дар ҷилди дуввуми таърихи хеш мегӯяд:

“*Дабирони Расули Худо, ки ваҳй, номаҳо ва паймонномаҳоро менавиштанд, инонанд: Алӣ ибни Абӯтолиб, Усмон ибни Аффон, Амр ибни Ос, Муовияи ибни Абӯсуфён, Шураҳбил ибни Ҳасана, Абдуллоҳ ибни Саъд ибни Абисарҳ, Муғира ибни Шӯъба, Маъоз ибни Ҷабал, Зайд ибни Собит, Ҳанзала ибни Рабеъ, Убай ибни Каъб, Ҷуҳайм ибни Салт, Ҳасин ан-Нумайрӣ.” (Таърихи Яъқубӣ, ҷ.2, с.69*)

Масъудӣ дар “Ат-танбиҳу вал-ишроф” то андозае тафсил медиҳад, ки ин дабирон ҳар кадом чӣ навъ кореро ба ӯҳда доштаанд ва нишон медиҳад, ки ин дабирон беш аз ин тавсиъаи кор дошта ва навъе назм ва ташкилот ва тақсими кор дар миён будааст, мегӯяд:

*“Холид ибни Саъид ибни Ос пешдасти Расули Худо буд, ҳоҷатҳои мутафарриқае, ки пеш меомад менавишт, ҳамчунин Муғира ибни Шӯъба ва Ҳасин ибни Нумайр. Абдуллоҳ ибни Арқам ва Ало ибни Уқба санадҳои мардум ва ақдҳо ва муомилоти онҳоро менавиштанд. Зубайр ибни Аввом ва Ҷуҳайм ибни Салт сурати молиёт ва садақотро забт мекарданд. Ҳузайфа ибни Ямон ӯҳдадори навиштани “ҳарозӣ“-и Ҳиҷоз буд. Муъайқиб ибни Абӯфотимаи Дусӣ ғаноимро ворид мекард. Зайд ибни Собити Ансорӣ нома ба ҳукком ва подшоҳон менавишт ва зимнан симати мутарҷимии Расули Худоро дошт. Ӯ забонҳои форсӣ ва румӣ ва қибтӣ ва ҳабаширо тарҷума мекард ва ҳамаи инҳоро дар Мадина аз аҳли ин забонҳо омӯхта буд.*[4] *Ҳанзала ибни Рабеъ захира буд ва ҳар вақт яке аз онҳо, ки ном бурдем набуд, ӯ корашро анҷом медод ва ба Ҳанзалаи котиб маъруф шуда буд. Ҳанзала дар замони хилофати Умар, ки футуҳоти исломӣ рух дод, ба Раҳо рафт ва дар ҳамон ҷо фавт кард. Абдуллоҳ ибни Саъд ибни Абисарҳ муддате симати нависандагӣ дошт, вале баъд муртад шуд ва ба мушрикон пайваст. Шураҳбил ибни Ҳасанаи Тобихӣ низ барояш навиштааст. Абон ибни Саъид ва Ало ибни Ҳазрамӣ низ гоҳе барояш менавиштанд. Муовия фақат чанд моҳе қабл аз вафоти Расули Худо барояш нависандагӣ кард. Инҳо касоне ҳастанд, ки расман муддате ӯҳдадори симати дабирӣ буданд. Ва аммо афроде, ки аҳёнан як ё ду нома барояш навиштаанд ва ҷузъи дабирони Пайғамбар ба шумор намераванд, мо аз онҳо ёд намекунем.“ (Ат-танбиҳу вал-ишроф, с.245 ва 246*)

Масъудӣ дар ин ҷо аз котибони ваҳй ва ҳамчунин нависандагони паймонномаҳои расмӣ монанди Алӣ ва Абдуллоҳ ибни Масъуд ва Убай ибни Каъб ва ғайри инҳо ном

---

[4] *Дар Ҷомеъи Тирмизӣ аз Зайд ибни Собит нақл мекунад: “Пайғамбари Акрам маро фармон дод, ки забони суриёниро ёд бигирам.” Ва ҳам Ҷомеъи Тирмизӣ аз Зайд ибни Собит нақл мекунад: “Расули Худо ба ман фармуд, луғати яҳудро ёд бигир ва гуфт: ба Худо қасам, ки наметавонам дар номаҳои худ ба яҳуд эътимод кунам. Ман дар ҳудуди нисфи як моҳ ёд гирифтам. Баъд аз он ҳар вақт мехост ба яҳуд нома бинависад, ман менавиштам ва ҳар гоҳ номае аз яҳуд барояш мерасид, ман барояш мехондам.” Дар “Футуҳ ал-булдон”-и Балозурӣ (сафҳаи 460) мегӯяд: “Зайд ибни Собит гуфт: Расули Худо маро фармон дод, ки китоби яҳудро (ба забони суриёнӣ) ёд бигирам ва ба ман фармуд, ки ман аз яҳуд бар китоби худ нигаронам, ниме (аз моҳ ё сол) нагузашт, ки фаро гирифтам. Аз он пас ман номаҳои ӯро ба яҳуд менавиштам ва номаҳое, ки яҳуд ба Пайғамбар менавиштанд, ман барояш қироат мекардам.*”

набурдааст, мисли ин ки хостааст касонеро ном бибарад, ки симати дигаре ғайр аз симати китобати ваҳй ӯҳдадор набудаанд.

Дар таърихҳо ва ҳадисҳои исломӣ ба қазоёи зиёде бармехӯрем мабнӣ бар ин ки мутақозиёне аз дур ё наздик ба ҳузури Расули Акрам меомадаанд ва аз эшон тақозои насиҳат ва мавъизае мекардаанд ва он ҳазрат бо суханони ҳакимона ва пурмағзи худ, ба пурсиши онҳо посух додааст. Ин суханон филмаҷлис ё баъдҳо навишта шудааст.

Боз ҳам дар як ҷо намебинем, ки Расули Худо худаш дар ҷавоби мутақозиён як сатр навишта бошад. Қатъан агар як сатр навишта аз Пайғамбари Акрам боқӣ мемонд, мусалмонон ба унвони таяммун ва табаррук ва бузургтарин ифтихор барои худ ва хонадони худ онро нигаҳдорӣ мекарданд, ҳамчунон ки дар бораи ҳазрати амир (а) ва соири имомон чунин ҷараёнҳо зиёд мебинем, ки қисмате аз хутути он бузургворон солҳо, балки қарнҳо дар хонадони худашон ё дар хонадони шиъаён маҳфуз мондааст. Ҳамин алъон Қуръонҳое мавҷуд аст, ки мансуб ба он бузургворон аст.

Ҷараёни маъруфи Зайд ибни Алӣ ибни Ҳусайн ва Яҳё ибни Зайд ва кайфияти нигаҳдории онҳо аз "Саҳифаи Саҷҷодия" шоҳиди ин муддаъост.

Ибни ан-Надим дар фанни аввал аз мақолаи дуввуми "Ал-феҳрист" ҷараёни ҷолибе нақл мекунад, мегӯяд:

"*Бо яке аз шиъаёни Куфа, ки номаш Муҳаммад ибни Ҳусайн ва маъруф ба Ибни Абибаъра буд ошно шудам. Китобхонае дошт, ки мисли онро надидаам. Ӯ он китобхонаро аз як марди шиъии куфӣ дарёфт карда буд ва аҷиб ин аст, ки дар ҳар китоб ё варақае сабт буд, ки ба хатти кӣ аст? Ҷамоате аз уламо шаҳодати худро бар ин ки хатт, хатти кӣ аст навишта буданд. Дар он китобхона хутуте аз имомайни ҳумомайн Ҳасан ибни Алӣ ва Ҳусайн ибни Алӣ (алайҳимас-салом) мавҷуд буд ва нигаҳдорӣ мешуд ва ҳамчунин аснод ва аҳдномаҳое ба хатти Алӣ (а) ва соири дабирони Расули Худо мавҷуд буд ва аз онҳо муроқибат мешуд." (Ал-феҳрист, с.67*)

Оре, то ин ҳадд ин осори мутабаррика, ки ҳифз ва нигаҳдорӣ мешудааст, чӣ гуна мумкин аст, ки Расули Худо ҳадди ақал як сатр навишта бошад ва бо он инояти аҷиби мусалмонон ба ҳифзи осор хусусан осори мутабаррика — боқӣ намонда бошад?!

Масъалаи навиштани он ҳазрат ҳатто дар давраи рисолат, тибқи қароин ва аморот мунтафӣ аст, аммо масъалаи хондани он ҳазратро дар давраи рисолат наметавон ба таври қатъ мунтафӣ донист, ҳарчанд далели кофӣ бар хондани он ҳазрат ҳатто дар ин давра надорем, балки бештар қароин аз нахондани он ҳазрат ҳатто дар ин давра ҳикоят мекунад.

# Ҷараёни Ҳудайбия

Дар таърихи зиндагии Расули Акрам ҷараёнҳое пеш омада, ки равшан мекунад, он ҳазрат ҳатто дар давраи Мадина на мехонда ва на менавиштааст. Дар миёни ҳамаи онҳо ҳодисаи Ҳудайбия ба иллати ҳассосияти хосси таърихӣ, аз ҳама маъруфтар аст ва бо он ки нақлҳои таърихӣ ва ҳадисӣ ихтилофоте бо якдигар доранд, боз ҳам то ҳудуди зиёде ба равшан шудани матлаб кӯмак мекунад.

Дар моҳи Зилқаъдаи соли 6-уми ҳиҷрӣ, Расули Худо (с) ба қасди анҷоми умра ва ҳаҷ, Мадинаро ба сӯйи Макка тарк кард, дастур дод, шутурҳои қурбониро бо алоими қурбонӣ ҳамроҳашон савқ диҳанд, аммо ҳамин ки ба Ҳудайбия — тақрибан дар ду фарсахии Макка – расиданд, Қурайш ҷабҳа гирифтанд ва монеъи вуруди мусалмонон шуданд. Бо ин ки моҳи ҳаром буд ва тибқи қонуни ҷоҳилият низ Қурайш ҳақ надоштанд монеъ шаванд ва Расули Акрам тавзеҳ дод ҷуз зиёрати Каъба қасде надорам ва пас аз анҷоми аъмол бармегардам, Қурайш мувофиқат накарданд. Мусалмонон исрор доштанд, ки ба унф вориди Макка шаванд, вале Расули Акрам ҳозир нашуд ва нахост эҳтироми Каъба бирезад. Мувофиқат шуд, паймони сулҳе миёни Қурайш ва мусалмонон мунъақид гардад.

Сурати паймони сулҳро Пайғамбари Акрам имло мекард ва Алӣ менавишт. Пайғамбари Акрам фармуд: бинавис:

بِسْمِ اللّٰهِ الرَّحْمٰنِ الرَّحِيمِ

Суҳайл ибни Амр, намояндаи Қурайш эътироз кард ва гуфт: ин шиори шумост ва мо бо он ошноӣ надорем, бинависед:

باسمک اللهم

Расули Акрам мувофиқат кард ва ба Алӣ фармуд, ин тавр бинавис. Баъд фармуд, бинавис: ин қарордоде аст, ки миёни Муҳаммад расулуллоҳ (фиристодаи Худо) ва Қурайш мунъақид мегардад. Намояндаи Қурайш эътироз кард ва гуфт: мо туро расулуллоҳ намедонем, фақат пайравони ту туро расулуллоҳ медонанд, мо агар туро расулуллоҳ медонистем, бо ту намеҷангидем ва монеъи вуруди ту ба Макка ҳам намешудем, исми худ ва исми падаратро бинавис. Расули Акрам фармуд, шумо маро ҷӣ расулуллоҳ бидонед ва ҷӣ надонед, ман расулуллоҳам. Сипас ба Алӣ фармон дод, ки бинавис: “*Ин паймоне аст, ки миёни Муҳаммад ибни Абдуллоҳ ва мардуми Қурайш мунъақид мешавад.*”

Ин ҷо буд, ки мусалмонон сахт барошуфтанд. Ва ҳам аз ин ба баъд аст, ки нақлҳои таърихӣ дар баъзе хусусиёт бо ҳам ихтилоф дорад.

Аз Сираи Ибни Ҳишом ва Саҳеҳи Бухорӣ, боби шартҳо дар ҷиҳод ва мусолаҳа бо аҳли ҷанг (*ҷ.3, с.242*), бармеояд, ки ин эътироз қабл аз навиштани калимаи "расулуллоҳ" сурат гирифт ва ҳамон вақт Расули Акрам мувофиқат фармуд, ки ба ҷойи "Муҳаммад расулуллоҳ","Муҳаммад ибни Абдуллоҳ" навишта шавад. Вале аз бештари нақлҳо бармеояд, ки ин эътироз вақте сурат гирифт, ки Алӣ ин калимаро навишта буд ва Пайғамбар аз Алӣ хост, ки ин калимаро маҳв кунад ва Алӣ аз ин ки бо дасти худ он калимаи муборакро маҳв кунад, маъзарат хост.

Дар ин ҷо боз нақлҳо мухталиф мешавад: ривоятҳои шиъа иттифоқ доранд, ки пас аз имтиноъи Алӣ аз ин ки ба дасти худ ин калимаи муборакро маҳв кунад, Пайғамбар худ маҳв кард ва сипас Алӣ навишт: "Муҳаммад ибни Абдуллоҳ". Дар баъзе аз ин ривоятҳо ва ҳамчунин дар баъзе аз ривоятҳои аҳли суннат тасреҳ дорад, ки Пайғамбар аз Алӣ хост, ки калимаро нишон диҳад ва гуфт, дасти маро рӯйи калима бигузор, то худам маҳв кунам. Алӣ чунин кард. Пайғамбар худаш бо дасти худ калимаи "расулуллоҳ"-ро маҳв кард ва он гоҳ Алӣ ба ҷойи он навишт: "Ибни Абдуллоҳ". Пас нависанда Алӣ буда, на Пайғамбар, балки тибқи ин нақлҳо, ки ҳам аз тариқи шиъа аст ва ҳам аз тариқи аҳли суннат, Пайғамбари Акрам на мехонда ва на менавиштааст.

Дар китоби "Қасаси Қуръон"-и Абӯбакри Атиқи Нишопурии Сурободӣ, ки баргирифтае аст аз тафсири вай бар Қуръон ва дар қарни панҷум таълиф ёфта ва ба забони порсӣ аст, чараёни Ҳудайбияро нақл мекунад, то он ҷо, ки Суҳайл ибни Амр, намояндаи Қурайш ба калима "расулуллоҳ" эътироз кард, мегӯяд:

"*Гуфт (Суҳайл ибни Амр), чунин набис:*

هذا ما صالح عليه محمّد بن عبدالله سهيل بن عمرو

*Расул салаллоҳу алайҳи гуфт мар Алиро, ки расулуллоҳ бимаҳой. Алиро аз дил барнаёмад, ки расулуллоҳ бимаҳвидӣ. Ҳарчанд ки Расул мегуфт, Алӣ мепечид. Расул салаллоҳу алайҳи гуфт: ангушти ман бар он неҳ, то ман бимаҳоям. З-он, ки Расул салаллоҳу алайҳи уммӣ буд, набишта надонистӣ. Алӣ ангушти Расул бар он ниҳод. Расулуллоҳ салаллоҳу алайҳи бимаҳвид, то чунонки муроди Суҳайл буд, набишт.*"

Яъқубӣ низ дар таърихи худ менависад: Пайғамбар ба Алӣ амр кард, ки ба ҷойи "Расулуллоҳ" "Ибни Абдуллоҳ" бинависад.

Дар Саҳеҳи Муслим низ пас аз он ки менависад, Алӣ аз маҳв кардан имтиноъ кард, менависад:

*“(Пайғамбари Акрам фармуд):*

**فأرني مكانها فأراه مكانها فمحاها وكتب: ابن عبد الله**

*Ба Алӣ гуфт: ҷойи калимаро ба ман нишон бидеҳ, Алӣ нишон дод. Паёмбар маҳв кард ва навишт: “Муҳаммад ибни Абдуллоҳ.” (Саҳеҳи Муслим, ҷ.5 с.174*)

Дар ин ривоят аз тарафе менависад, Пайғамбар дар маҳв кардан аз Алӣ кӯмак хост, аз тарафи дигар менависад, Пайғамбар маҳв кард ва навишт. Мумкин аст дар ибтидо ба назар бирасад, ки пас аз маҳв, худи Пайғамбари Акрам навишт, вале мусалламан мақсуди ноқил ҳадис ин аст, ки Алӣ навишт, зеро дар матни худи ҳадис омадааст, ки Пайғамбар барои маҳв аз Алӣ кӯмак хост.

Аз Таърихи Табарӣ ва Комили Ибни Асир ва аз ривояти дигари Бухорӣ дар боби “шартҳо” тақрибан ба сароҳат истифода мешавад, ки калимаи дуввумро худи Пайғамбар ба хатти худ навишт, зеро навиштаанд:

**فأخذه رسول الله وكتب**

*Яъне Пайғамбар аз Алӣ гирифт ва худ навишт. Дар иборати Табарӣ ва Ибни Асир як ҷумла изофа дорад ба ин тартиб:*

**فأخذه رسول الله وليس يحسن أن يكتب فكتب**

*Расули Худо аз Алӣ гирифт ва дар ҳоле, ки навиштанро намедонист, навишт.*”

Ривояти Табарӣ ва Ибни Асир таъйид мекунад, ки Расули Худо наменавиштааст ва дар Ҳудайбия ба таври истисноӣ навиштааст.

Ин ривоят шояд назари касонеро таъйид кунад, ки мегӯянд, Пайғамбар ба таълими илоҳӣ агар мехост бинависад, метавонист бинависад, вале наменавишт, ҳамчунон ки Пайғамбар ҳаргиз шеър насуруд ва ҳатто шеъри дигареро низ қироат накард. Аҳёнан агар такбайте аз дигаре мехост бихонад, онро “ҳалл” мекард, яъне калимотро муқаддаму муъаххар ва ё дар алфози шеър каму зиёд мекард, ки аз сурати шеърӣ хориҷ шавад, зеро Худованд шеърро шоистаи мақоми ӯ намедонист:

**وَمَا عَلَّمْنَاهُ الشِّعْرَ وَمَا يَنْبَغِي لَهُ ۚ إِنْ هُوَ إِلَّا ذِكْرٌ وَقُرْآنٌ مُبِينٌ**

(*Ёсин/69*)

Ба тавре, ки мулоҳиза мешавад, нақлҳо дар ҷараёни Ҳудайбия якнавохт нест ва ҳарчанд аз баъзе нақлҳо истифода мешавад, ки дар он ҷараён, калимаи “Ибни Абдуллоҳ“-ро, ки ба манзилаи ҷузъе аз имзои он ҳазрат шумурда мешавад, ба дасти худ навиштааст, вале ҳамон нақлҳо таъйид мекунад, ки ҷанбаи истисноӣ доштааст.

Дар “Усудул-ғоба” зайли аҳволи Тамим ибни Ҷурошаи Сақафӣ достоне аз ӯ нақл мекунад, ки ба сароҳат мефаҳмонад, Пайғамбари Акрам ҳатто дар давраи рисолат на мехонда ва на менавиштааст, мегӯяд:

”*Ман ва гурӯҳе аз Сақиф бар Пайғамбар ворид шудем ва ислом ихтиёр кардем. Аз ӯ хостем, қарордоде бо мо имзо кунад ва шартҳои моро бипазирад. Пайғамбари Акрам фармуд, ҳар чи мехоҳед бинависед, биёваред бибинам. Мо мехостем шарт кунем, ки рибо ва зиноро ба мо иҷоза диҳад. Чун худамон наметавонистем бинависем, ба Алӣ ибни Абӯтолиб муроҷеа кардем. Алӣ чун дид, мо чунин шарте дорем, аз навиштан имтиноъ кард. Аз Холид ибни Саъид ибни Ос тақозо кардем. Алӣ ба ӯ гуфт: медонӣ аз ту мехоҳанд, ки чӣ бинависӣ? Ӯ гуфт: ман чӣ кор дорам? Ҳар чи онҳо гуфтанд, ман менависам. Баъд, ки назди Пайғамбар бурданд, худаш медонад чӣ кунад.*

*Холид онро навишт ва назди Пайғамбар бурдем. Пайғамбар ба як нафар дастур дод, онро бихонад. Ҳамин ки ба рибо расид, гуфт: дасти маро рӯйи калимаи рибо бигузор. Ӯ дасти Пайғамбарро рӯй он калима гузошт ва Пайғамбар бо дасти худ онро маҳв кард ва ин ояти Қуръонро хонд:*

يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا اتَّقُوا اللَّهَ وَذَرُوا مَا بَقِيَ مِنَ الرِّبَا

*(Бақара/278) Шунидани ин оят ба руҳи мо имон ва итминон бахшид. Қабул кардем рибо нахӯрем. Он шахс, ки номаро мехонд, идома дод, ба мавзӯъи зино расид. Боз Пайғамбар дасти хешро рӯйи он калима гузошт ва хонд:*

وَلَا تَقْرَبُوا الزِّنَا ۖ إِنَّهُ كَانَ فَاحِشَةً

*(Исро/32)“ (Усудул-ғоба, ҷ.1, с.216*)

# Иддаъои аҷиб

Аҷиб ин аст, ки тибқи он чи чаҳор сол пеш баъзе аз маҷаллот ва нашриёти Эрон навиштанд,[5] яке аз донишмандони мусалмони Ҳинд ба номи доктор Сайид Абдуллатиф, ки аҳли Ҳайдарободи Ҳинд аст ва риёсати Институти мутолеоти фарҳангӣ дар бораи Ҳинд ва Шарқи наздик ва ҳамчунин риёсати Академияи мутолеоти исломии Ҳайдарободро ба ӯҳда дорад, дар яке аз конфронсҳои исломии Ҳинд суханронии мабсуте дар ин замина карда ва ба забони англисӣ мунташир карда ва муддаъӣ шуда, ки Расули Худо ҳатто қабл аз давраи рисолат мехонда ва менавиштааст.

Интишори гуфтаҳои оқои доктор Сайид Абдуллатиф ҳаяҷон хоссе дар миёни хонандагони эронӣ эҷод кард ва мурочеот ва пурсишҳои зиёде ҳамон вақт аз мақомоти марбута дар ин бора мешуд. Инҷониб ҳамон вақт як суханронии кӯтоҳе барои донишомӯзон дар ин замина эрод кард.

Аз назари алоқае, ки ҳамон вақт дар умум эҳсос мешуд ва ҳам аз назари ин ки дар суханони оқои доктор Сайид Абдуллатиф чизҳое ҳаст, ки аз як муҳаққиқ баъид аст, мо суханони эшонро нақлу нақд мекунем. Эшон муддаъӣ шудаанд, ки:

1. Иллати ин ки гуфта шуда Расули Акрам на мехонда ва на менавиштааст, фақат иштибоҳе аст, ки муфассирон дар тафсири калимаи ”уммӣ“ кардаанд. Ин калима дар сураи Аъроф дар ояти 157 ва 158 дар васфи Расули Акрам омадааст. Дар ояти 157 мефармояд:

الَّذِينَ يَتَّبِعُونَ الرَّسُولَ النَّبِيَّ الْأُمِّيَّ

“*Ононе, ки фиристодаеро, ки паёмбари уммӣ аст, пайравӣ мекунанд…*”

Дар ояти 158 мефармояд:

فَآمِنُوا بِاللَّهِ وَرَسُولِهِ النَّبِيِّ الْأُمِّيِّ

“*Ба Худо ва фиристодааш, паёмбари уммӣ имон биёваред…*”

Эшон мегӯянд, муфассирон пиндоштаанд, ки маънии ”уммӣ“ дарснохонда аст, дар сурате, ки маънии ”уммӣ“ ин нест;

2. Дар Қуръон оёти дигаре ҳаст, ки ба сароҳат мефаҳмонад, Расули Худо, ҳам мехонда ва ҳам менавиштааст;

---

[5] *Маҷаллаи “Равшанфикр”, шумораи 8-уми меҳрмоҳ ва шумораи 15-уми меҳрмоҳи 1344 (7 октябри 1965) ва нашрияи “Конуни сардафтарон”, шумораи обонмоҳ, 1344 (1965) нақл аз нашрияи “Омӯзиш ва парвариш”, шумораи шаҳривар, 1344 (1965).*

3. Бархе аз аҳодиси мӯътабар ва нақлҳои таърихӣ ба сароҳат хондан ва навиштани Расули Худоро сабт кардааст.

Инҳост хулосаи иддаъои мушорун илайҳ. Мо ба тартиб ин се қисматро баҳс ва интиқод мекунем:

## 1) Оё маншаъи эътиқод ба дарснохондагии Пайғамбар тафсири калимаи ”уммӣ“ будааст?

Иддаъои ин донишманд, ки мегӯяд, маншаъи эътиқоди мусалмонон ба дарснохондагии Пайғамбар фақат тафсири калима “уммӣ” будааст, беасос аст, зеро:

Аввалан, таърихи араб ва Макка муқорини зуҳури ислом гувоҳи қотеъ бар дарснохондагии Пайғамбар аст. Қаблан тавзеҳ додаем, ки вазъи хондан ва навиштан дар муҳити Ҳиҷоз муқорини зуҳури ислом, ончунон маҳдуд будааст, ки номи фард-фарди касоне, ки бо ин санъат ошно буданд, ба воситаи касрати иштиҳор дар мутуни таърих сабт шудааст ва аҳаде Пайғамбарро ҷузъи онон ба шумор наёвардааст. Фаразан дар Қуръон ишора ва ё тасреҳе ба ин матлаб намебуд, мусалмонон маҷбур буданд ба ҳукми таърихи қатъӣ қабул кунанд, ки пайғамбарашон дарснохонда будааст.

Сониян, дар худи Қуръон ояти дигаре ҳаст, ки аз оёти сураи Аъроф, ки дар онҳо калимаи “уммӣ” ба кор рафтааст, сароҳати камтаре надорад. Муфассирони исломӣ дар мафҳуми калимаи “уммӣ”, ки дар оёти сураи Аъроф ҳаст, каму беш ихтилофи назар доранд, вале дар мафҳуми ин оят аз назари далолат бар дарснохондагии Пайғамбари Акрам ҳеч гуна ихтилофи назар надоранд. Он оят ин аст:

وَمَا كُنْتَ تَتْلُو مِنْ قَبْلِهِ مِنْ كِتَابٍ وَلَا تَخُطُّهُ بِيَمِينِكَ ۖ إِذًا لَارْتَابَ الْمُبْطِلُونَ

(*Анкабут/48*) “*Ту пеш аз нузули Қуръон ҳеч навиштаеро намехондӣ ва бо дасти рости худ (ки василаи навиштан аст) наменавиштӣ. Ва агар қаблан мехондӣ ва менавиштӣ, ёвагӯён шакку тӯҳмат ба вуҷуд меовper*.”

Ин оят сароҳат дорад, ки Пайғамбар қабл аз рисолат на мехонда ва на менавиштааст. Муфассирони исломӣ умуман ин оятро ҳамин тавр тафсир кардаанд. Аммо мушорун илайҳ муддаъӣ аст, ки дар тафсири ин оят низ иштибоҳ шудааст; муддаъӣ аст, калимаи “китоб“ дар ин оят ишора ба китобҳои муқаддас аст аз қабили Таврот ва Инҷил; муддаъӣ аст ин оят мегӯяд, ту қабл аз нузулм Қуръон бо ҳеч китобм муқаддасе ошно набудӣ, зеро ин китобҳо ба забони арабӣ набуд. Ва агар он китобҳоро, ки ба забони ғайриарабӣ аст, хонда будӣ, мавриди шакку тӯҳмати ёвагӯён воқеъ мешудӣ.

Ин иддаъо саҳеҳ нест. “Китоб“ дар луғати арабӣ, бар хилофи мафҳуми роиҷи имрӯзи ин калима дар забони форсӣ, ба маънии мутлақи навишта аст, хоҳ нома бошад ё дафтар, муқаддас ва осмонӣ бошад ё ғайримуқаддас ва ғайриосмонӣ. Дар Қуръони Карим ин калима мукаррар истеъмол шудааст:

Гоҳе дар мавриди номае, ки миёни ду нафар мубодала мешавад ба кор рафтааст, монанди он чи дар бораи маликаи Сабаъ омадааст:

يَا أَيُّهَا الْمَلَأُ إِنِّي أُلْقِيَ إِلَيَّ كِتَابٌ كَرِيمٌ. إِنَّهُ مِنْ سُلَيْمَانَ

(*Намл/29 ва 30*) “*Эй бузургон! Номае гиромӣ ба ман расидааст. Нома аз Сулаймон аст…*”

Ва гоҳе дар мавриди қарордоде, ки ба унвони санад миёни ду нафар мубодала мешавад истеъмол шудааст:

وَالَّذِينَ يَبْتَغُونَ الْكِتَابَ مِمَّا مَلَكَتْ أَيْمَانُكُمْ فَكَاتِبُوهُمْ

(*Нур/33*) “*Бардагоне, ки моиланд тибқи як қарордод худро озод кунанд, тақозои ононро бипазиред ва бо онҳо қарордод мубодала кунед…*”

Ва гоҳе дар мавриди алвоҳи ғайбӣ ва ҳақоиқи малакутӣ, ки ҳикояти илмӣ аз ҳаводиси ҷаҳон доранд ба кор рафтааст:

وَلَا رَطْبٍ وَلَا يَابِسٍ إِلَّا فِي كِتَابٍ مُبِينٍ

(*Анъом/59*) ”*Ҳеч тар ва ё хушке нест, магар он ки дар навиштае равшан мазбут аст.*”

Дар Қуръони Карим танҳо дар мавориде, ки калимаи ”аҳл“ ба ин калима изофа шуда ва ”аҳлулкитоб“ гуфта шудааст, истилоҳи хоссе манзур шудааст.

Аҳли китоб яъне пайравони яке аз китобҳои осмонӣ. Дар сураи Нисо, ояти 153 чунин мефармояд:

يَسْأَلُكَ أَهْلُ الْكِتَابِ أَنْ تُنَزِّلَ عَلَيْهِمْ كِتَابًا مِنَ السَّمَاءِ

“*Пайравони китоби осмонӣ аз ту мехоҳанд, ки аз осмон номае бар онҳо фуруд оварӣ…*”

Дар ин оят ин калима ду навбат зикр шудааст: як навбат бо калимаи аҳл ва як навбат танҳо. Он ҷо, ки калимаи аҳл ба ин калима изофа шудааст, мақсуд китоби осмонӣ аст ва он ҷо, ки танҳо зикр шуда, як номаи содда аст.

Ба илова, ҷумлаи:

وَلَا تَخُطُّهُ بِيَمِينِكَ

— худ қарина аст, ки мақсуд ин аст: ту на мехондӣ ва на менавиштӣ ва агар хондан ва навиштан медонистӣ, туро муттаҳам мекарданд, ки аз ҷойи дигар гирифта ва навиштаӣ, аммо чун ту на хондан медонистӣ ва на навиштан, пас ҷойе барои ин тӯҳмат нест.

Аммо агар мақсуд ин бошад, ки ту китобҳои муқаддасро чун ба забони дигар аст нахондаӣ, маънии оят ин хоҳад буд: ту қаблан ба забонҳои дигар намехондӣ ва ба он забонҳо наменавиштӣ. Ва албатта маънии дурусте нест, зеро танҳо хондани он китобҳо бо он забонҳо, кофӣ буд барои тӯҳмат. Лозим набуд, ки ҳатман бо он забонҳо битавонад бинависад, ҳамин қадр, ки бо он забонҳо мехонд, ҳарчанд бо забони худаш менавишт, кофӣ буд, ки мавриди тӯҳмат қарор гирад.

Оре, дар ин ҷо нуктае ҳаст, ки мумкин аст таъйидкунандаи назари оқои доктор Сайид Абдуллатиф бошад, ҳарчанд худи вай мутазаккири ин нукта нашудааст, ҳеч як аз муфассирон низ ба он таваҷҷӯҳ накардаанд.

Дар ин ояти карима калимаи:

تَتْلُو

— ба кор рафтааст, ки аз моддаи ”тиловат” аст. Тиловат ҳамчунон ки Роғиб дар “Муфрадот” гуфта, ихтисос дорад ба қироати оёти муқаддас, бар хилофи калимаи “қироат”, ки аъамм аст. Пас ҳарчанд калимаи “китоб” аъамм аст аз китоби муқаддас ва ғайримуқаддас, аммо калимаи:

تَتْلُو

— ихтисос дорад ба қироати оёти муқаддас.

Вале зоҳиран иллати ин ки дар ин ҷо калимаи:

تَتْلُو

— ба кор рафтааст ин аст, ки мавриди баҳс, Қуръон аст ва аз лиҳози ”мушокала”, ки ҷузъи саноеъи бадеъ аст, дар мавриди қироати соири чизҳо низ ин калима ба кор рафтааст, мисли ин аст, ки чунин гуфта бошад: ”Ту акнун Қуръон тиловат мекунӣ, вале қабл аз Қуръон ҳеч навиштаеро тиловат намекардӣ”.

Ояти дигаре, ки ишора ба дарснохондагии Расули Акрам дорад, ояти 52 аз сураи Шӯро аст:

وَكَذَٰلِكَ أَوْحَيْنَا إِلَيْكَ رُوحًا مِنْ أَمْرِنَا ۚ مَا كُنْتَ تَدْرِي مَا الْكِتَابُ وَلَا الْإِيمَانُ

”*Мо Қуръонро, ки руҳу ҳаёт аст, аз ”амр“-и худ бар ту ваҳй кардем. Ту қаблан намедонистӣ навишта чист, имон чист.*”

Ин оят мегӯяд, ту қабл аз нузули ваҳй бо китоб ва навишта ошно набудӣ. Оқои доктор Сайид Абдуллатиф аз ин оят зикре ба миён наёвардааст. Мумкин аст бигӯяд, мақсуд аз калимаи “китоб“ дар ин оят низ мутуни муқаддас аст, ки ба забони ғайриарабӣ будааст. Ҷавоб ҳамон аст, ки дар ояти пеш гуфтем.

Муфассирони исломӣ ба далеле, ки бар мо равшан нест гуфтаанд, мақсуд аз китоб, хусуси Қуръон аст. Бинобар ин тафсири ин оят аз мавриди истидлол хориҷ аст.

Солисан, муфассирони исломӣ ҳаргиз дар мафҳуми калимаи “уммӣ” ваҳдати назар надоштаанд, дар сурате, ки дар бораи дарснохондагӣ ва ошно набудани Расули Акрам қабл аз рисолат бо хондан ва навиштан, ҳамвора ваҳдати назар миёни ҳамаи муфассирон, балки миёни ҷамиъи уламои ислом вуҷуд доштааст. Ва ин худ далели қотеъе аст, ки маншаъи эътиқоди мусалмонон ба дарснохондагии Расули Акрам, тафсири калимаи “уммӣ” набудааст.

Аммо мафҳуми калимаи “уммӣ”:

## Мафҳуми калимаи “уммӣ”

Муфассирони исломӣ калимаи “уммӣ”-ро се ҷур тафсир кардаанд:

## 1. Дарснохонда ва ноошно ба хатт ва навишта

Аксарият тарафдори ин назаранд ва ё лоақал ин назарро тарҷеҳ медиҳанд. Тарафдорони ин назар гуфтаанд, ин калима мансуб ба ”умм” аст, ки ба маънии модар аст. Уммӣ яъне касе, ки ба ҳолати модарзодӣ аз лиҳози иттилоъ бар хутут ва навиштаҳо ва маълумоти башарӣ боқӣ мондааст ва ё мансуб ба ”уммат” аст, яъне касе, ки ба одати аксарият мардум аст, зеро аксарияти тӯда, хатт ва навиштан намедонистанд ва иддаи каме медонистанд, ҳамчунон ки “оммӣ“ низ яъне касе, ки монанди оммаи мардум аст ва ҷоҳил аст.

Баъзе гуфтаанд, яке аз маъонии калимаи ”уммат“ хилқат аст ва “уммӣ” яъне касе, ки бар хилқат ва ҳолати аввалия, ки бесаводӣ аст боқӣ аст ва ба шеъре аз Аъшо истинод шудааст.

Ва ба ҳар ҳол, чӣ муштақ аз ”умм“ бошад ва чӣ аз “уммат” ва уммат ба ҳар маънӣ бошад, маънии ин калима дарснохонда аст.

## 2. Аҳли Уммулқуро

Тарафдорони ин назар ин калимаро мансуб ба ”Уммулқуро“ яъне Макка донистаанд. Дар сураи Анъом, ояти 93 аз Макка ба “Уммулқуро“ таъбир шудааст:

وَلِتُنْذِرَ أُمَّ الْقُرَىٰ وَمَنْ حَوْلَهَا

”*Барои ин ки ту ба Макка ва онон, ки дар атрофи Макка ҳастанд, эъломи хатар кунӣ.*”

Ин эҳтимол низ аз қадимулайём дар китобҳои тафсир омадааст ва дар чандин ҳадис аз аҳодиси шиъа ин эҳтимол таъйид шудааст, ҳарчанд худи ин ҳадисҳо мӯътабар шинохта нашудааст ва гуфта шуда решаи исроилӣ дорад.

Ин эҳтимол ба далелҳое рад шудааст:

Яке ин ки калимаи ”Уммулқуро“ исми хосс нест ва бар Макка ба унвони як сифати омм, на як исми хосс итлоқ шудааст. Уммулқуро яъне маркази қаряҳо. Ҳар нуқтае, ки маркази қаряҳое бошад, Уммулқуро хонда мешавад.

Аз ояти дигар аз Қуръон, ки дар сураи Қасас, ояти 59 омадааст, маълум мешавад, ки ин калима унвони васфӣ дорад, на исмӣ:

وَمَا كَانَ رَبُّكَ مُهْلِكَ الْقُرَىٰ حَتَّىٰ يَبْعَثَ فِي أُمِّهَا رَسُولًا

“*Парвардигори ту чунин нест, ки мардуми қаряҳоеро ҳалок кунад, магар он ки қаблан паёмбаре дар марказ он қаряҳо бифиристад ва ҳуҷҷатро бар онҳо тамом кунад*.”

Маълум мешавад дар забони Қуръон ҳар нуқтае, ки маркази як минтақа бошад, уммулқурои он минтақа аст.

Дигар ин ки ин калима дар Қуръон ба касоне итлоқ шудааст, ки маккӣ набудаанд. Дар сураи Оли Имрон, ояти 20 мефармояд:

وَقُلْ لِلَّذِينَ أُوتُوا الْكِتَابَ وَالْأُمِّيِّينَ أَأَسْلَمْتُمْ

“*Бигӯ ба аҳли китоб ва ба уммийин (аъроби ғайри яҳудӣ ва насронӣ): оё таслими Худо шудед?*”

Пас маълум мешавад дар урфи он рӯз ва дар замони Қуръон ба ҳамаи аъробе, ки пайрави як китоби осмони набуданд, ”уммийин” гуфта мешудааст.

Болотар ин ки ин калима ҳатто ба авомми яҳуд, ки савод ва маълумоте надоштанд бо ин ки аҳли китоб шумурда мешуданд низ итлоқ шудааст, чунонки дар Сураи Бақара, ояти 78 мефармояд:

وَمِنْهُمْ أُمِّيُّونَ لَا يَعْلَمُونَ الْكِتَابَ إِلَّا أَمَانِيَّ

”*Баъзе аз фарзандони Исроил уммӣ ҳастанд, аз китоби худ иттилоъе надоранд, магар як силсила хаёлот ва авҳом*.”

Бадеҳӣ аст яхудиёне, ки Қуръон ононро “уммӣ” хондааст, аҳли Макка набудаанд, ғолибан сокини Мадина ва атрофи Мадина будаанд.

Севвум ин ки агар калимае мансуб ба Уммулқуро бошад, тибқи қоъидаи адабӣ бояд ба ҷойи ”уммӣ”, “қуравӣ” гуфта шавад, зеро тибқи қоъидаи боби нисбат дар илми сарф, дар нисбат ба музоф ва музофин илайҳ, хосса он ҷо, ки музоф калимаи “аб” ё ”умм” ё ”ибн”

ё “бинт“ бошад, ба музофин илайҳ нисбат дода мешавад, на ба музоф. Чунонки дар нисбат ба Абӯтолиб, Абӯҳанифа, Бани Тамим, Толибӣ, Ҳанафӣ, Тамимӣ гуфта мешавад.

## 3. Мушрикини араб, ки тобеъи китоби осмонӣ набуданд

Ин назария низ аз қадимулайём миёни муфассирон вуҷуд доштааст. Дар “Маҷмаъул-баён” зайли ояти 20 сураи Оли Имрон, ки “уммийин” дар муқобили аҳли китоб қарор гирифтааст –

وَقُلْ لِلَّذِينَ أُوتُوا الْكِتَابَ وَالْأُمِّيِّينَ

— ин назарро ба саҳобӣ ва муфассири бузург Абдуллоҳ ибни Аббос нисбат медиҳад ва дар зайли ояти 78 аз Сураи Бақара аз Абӯубайда нақл мекунад ва аз зайли ояти 75 Оли Имрон бармеояд, ки худи Табарсӣ ҳамин маъниро дар мафҳуми он оят интихоб кардааст. Замахшарӣ дар “Кашшоф” низ ин оят ва ояти 75 сураи Оли Имронро ҳамин тавр тафсир кардааст. Фахри Розӣ ин эҳтимолро дар зайли ояти 78 сураи Бақара ва ояти 20 сураи Оли Имрон нақл мекунад.

Вале ҳақиқат ин аст, ки ин маънӣ, як маънии ҷудогона ғайр аз маънии аввал нест, яъне чунин нест, ки ҳар мардуме, ки пайрави як китоби осмонӣ набошанд, ба онҳо “уммӣ” гуфта шавад, ҳарчанд он мардум таҳсилкарда ва босавод бошанд. Ин калима ба мушрикини араб аз он ҷиҳат итлоқ шудааст, ки мардуме бесавод будаанд. Он чи маноти истеъмоли ин калима дар бораи мушрикини араб аст, ноошноии онҳо ба хондан ва навиштан буда, на пайравӣ накардани онҳо аз яке аз китобҳои осмонӣ. Бинобар ин он ҷо, ки ин калима ба сурати ҷамъ омада ва ба мушрикини араб итлоқ шудааст, ин эҳтимол зикр шуда, аммо он ҷо, ки муфрад омадааст ва бар Расули Акрам итлоқ шудааст, аҳаде аз муфассирон нагуфта, ки мақсуд ин аст, ки он ҳазрат пайрави яке аз китобҳои осмонӣ набудааст. Дар он ҷо беш аз ду эҳтимол ба миён наомадааст: яке, ноошно будани он ҳазрат бо хатт, дигар, аҳли Макка будан. Ва чун эҳтимоли дуввум ба далелҳои қотеъе, ки гуфтем мардуд аст, пас қатъан он ҳазрат аз он ҷиҳат уммӣ хонда шудааст, ки дарснохонда ва хаттнонавишта будааст.

Дар ин ҷо эҳтимоли чаҳорум дар мафҳуми ин калима дода мешавад. Ва он ин аст, ки ин калима ба маънии ноошноӣ бо мутуни китобҳои муқаддас бошад. Ин эҳтимол ҳамон аст, ки оқои доктор Сайид Абдуллатиф аз пеши худ ихтироъ карда ва аҳёнан онро бо маънии севвуме, ки зикр кардем ва аз муфассирони қадим нақл кардем, халт кардааст. Мушорун илайҳ мегӯяд:

*“Калимоти ”уммӣ” ва ”уммийюн” дар Қуръон дар чанд ҷойи мухталиф ба кор рафтааст, аммо ҳамеша ва ҳама ҷо фақат як маънӣ аз он мустафод мешавад. Калимаи “уммӣ” дар луғат аслан ба маънии кӯдаки навзоде аст, ки аз батни модар мутаваллид мешавад ва бо ишора ба ҳамин ҳолати ҳаёт ва зиндагӣ аст, ки калимаи “уммӣ”-ро бо маънии зимни он ба маънии касе, ки наметавонад бихонад ва бинависад таъбир кардаанд. Калимаи “уммӣ” ҳамчунин ба маънии касе аст, ки дар ”Уммулқуро“ зиндагӣ мекардааст. Уммулқуро яъне модари шаҳрҳо, шаҳри пойтахт ва умда. Ва ин сифате буд, ки аъроб замони Пайғамбар барои шаҳри Макка қоил буданд. Бинобар ин касе, ки аҳли Макка буд, уммӣ низ номида мешуд.*

*Як мавриди истеъмоли дигари калимаи “уммӣ” барои касе аст, ки бо матнҳои қадими сомӣ ошноӣ надоштааст ва аз пайравони диёнати яҳуд ё дини Масеҳ, ки дар Қуръон ба унвони “аҳлул-китоб” номида шудаанд, набудааст. Дар Қуръон калимаи “уммийюун” “барои аъроби пеш аз ислом, ки китоби муқаддасе надоштаанд ва пайрави Таврот ва Инҷил ҳам набудаанд, ба кор рафтааст ва дар муқобили калимаи “аҳлул-китоб” қарор мегирифтааст.*

*Дар ҳоле, ки барои калимаи “уммӣ” ин ҳама маъонии мухталиф вуҷуд дорад, маълум нест чаро муфассирон ва мутарҷимони Қуръон, чӣ мусалмон ва чӣ ғайримусалмон, фақат маънии ибтидоӣ яъне навзоди чашму гӯшбастаро гирифтаанд ва онро ба бесавод ва ҷоҳил таъбир кардаанд ва дар натиҷа аҳли Макка пеш аз исломро низ уммийюн ё гурӯҳе бесавод муаррифӣ кардаанд?!” (Нашрияи конуни сардафтарон, шумораи обонмоҳи 1344, нақл аз нашрияи омӯзиш ва парвариш, шумораи шаҳривари 1344*)

Аввалан, аз қадимтарини айём муфассирони исломӣ калимаи “уммӣ” ва “уммийюн”-ро се ҷур тафсир кардаанд ва лоақал эҳтимолоти сегонае дар бораи он зикр кардаанд. Муфассирони исломӣ бар хилофи иддаъои оқои доктор Сайид Абдуллатиф, фақат ба як маънӣ начаспидаанд.

Сониян, ҳеч кас нагуфтааст, ки калимаи “уммӣ” ба маънии навзоди чашму гӯшбаста аст, ки маънии зимнии он касе бошад, ки наметавонад бихонад ва бинависад. Ин калима асосан дар мавриди навзод ба кор намеравад, дар мавриди бузургсоле ба кор меравад, ки аз лиҳози фанни хондан ва навиштан ба ҳолате аст, ки аз модар зода шудааст, ба истилоҳи уламои мантиқ, мафҳуми ”адам ва малака“ дорад. Мантиқийини исломӣ ҳамвора ин калимаро ба унвони яке аз мисолҳои адам ва малака дар китобҳои мантиқ зикр мекардаанд.

Солисан, ин ки мегӯяд, яке аз маъонии ин калима ин буда, ки бо матнҳои қадими сомӣ ошноӣ надошта бошад, саҳеҳ нест. Он чи аз ақволи қудамои муфассирин ва аҳли луғат истифода мешавад ин аст, ки ин калима дар ҳолати ҷамъ (уммийюн) ба мушрикини араб гуфта мешудааст дар муқобили аҳли китоб, ба ин иллат, ки ғолибан мушрикини араб бесавод буданд ва зоҳиран ин унвони таҳқиромезро яхудиён ва масеҳиён ба онҳо дода буданд.

Мумкин нест мардуме фақат ба хотири ин ки бо забон ва китоби махсусе ошноӣ надоранд, вале ба забони худашон бихонанд ва бинависанд, ба онҳо ”уммийюн” гуфта шавад, зеро ба ҳар ҳол решаи ин калима бино бар ин тафсир низ калимаи ”умм” ё ”уммат” аст ва мафҳуми боқӣ будан ба ҳолати аввалӣ ва модарзодиро мерасонад.

Ва аммо иллати ин ки ин калима аз решаи уммулқуро шинохта нашудааст, бо ин ки ба сурати эҳтимол ҳамвора онро зикр мекардаанд, ишколоти фаровоне аст, ки дар ин маънӣ вуҷуд доштааст ва қаблан баён шуд.

Пас таъаҷҷуби ин донишманди ҳиндӣ беҷост.

Таъйидкунандаи ин муддаъо ин аст, ки дар бархе истеъмолоти дигари ин калима, ки дар ривоятҳо ё таърихҳо забт шудааст, мафҳуме ҷуз “дарснохонда“ надорад. Дар “Биҳорул-анвор”, ҷилди 16, сафҳаи 119 менависад, аз худи Пайғамбари Акрам ривоят шудааст:

نحن أمة أميّة لا نقرأ ولا نكتب

“Мо қавме уммӣ ҳастем, ки на мехонем ва на менависем.”

Ибни Халлакон дар ҷилди 4 таърихи худ зайли аҳволи Муҳаммад ибни Абдулмалик маъруф ба Ибнуз-Зайёт, вазири Муътасим ва Мутаваккил менависад:

“*Вай қаблан ҷузъи дабирони Муътасим, халифаи аббосӣ буд ва вазоратро Аҳмад ибни Шозии Басрӣ ба ӯҳда дошт. Рӯзе номае барои Муътасим расид ва вазир он номаро барои халифа қироат кард. Дар он нома калимаи “килоъ“ омада буд. Муътасим, ки аз маълумот баҳрае надошт, аз вазир пурсид: килоъ чист? Вазир ҳам намедонист. Муътасим гуфт:*

خليفة أمّي ووزير عامّي

*Яъне халифае дарснахонда ва вазире ҷоҳил. Он гоҳ гуфт: бигӯед яке аз дабирон биёяд. Ибнуз-Зайёт ҳозир буд ва омад. Ин калимаро бо чанд калимаи дигар, ки қарибулмаънӣ буданд маънӣ кард ва тафовути онҳоро гуфт. Ҳамин амр муқаддимаи вазорати Ибнуз-Зайёт шуд.*”

Муътасим, ки ба луғати омма сухан мегуфтааст, аз калимаи ”уммӣ” дарснохонда қасд кардааст. Низомӣ мегӯяд:

*Аҳмади мурсал, ки хирад хоки ӯст,*

*Ҳар ду ҷаҳон бастаи фитроки ӯст.*

*Уммийи гӯё ба забони фасеҳ,*

*Аз алифи Одаму мими Масеҳ.*

*Ҳамчу алиф рост ба аҳди вафо,*

*Аввалу охир шуда бар анбиё.*

## 2) Оё аз Қуръон истифода мешавад, ки Расули Акрам мехонда ва менавиштааст?

Оқои доктор Сайид Абдуллатиф муддаъӣ аст аз баъзе аз оёти Қуръон сароҳатан метавон фаҳмид, ки он ҳазрат, ҳам мехонда ва ҳам менавиштааст, аз он ҷумла ояти 164 аз сураи Оли Имрон аст:

لَقَدْ مَنَّ اللَّهُ عَلَى الْمُؤْمِنِينَ إِذْ بَعَثَ فِيهِمْ رَسُولًا مِنْ أَنْفُسِهِمْ يَتْلُو عَلَيْهِمْ آيَاتِهِ وَيُزَكِّيهِمْ وَيُعَلِّمُهُمُ الْكِتَابَ وَالْحِكْمَةَ وَإِنْ كَانُوا مِنْ قَبْلُ لَفِي ضَلَالٍ مُبِينٍ

“*Худованд бар мӯъминон миннат ниҳод он гоҳ, ки пайғамбаре дар миёни онҳо барангехт, ки оёти Худоро бар онҳо тиловат мекунад ва онҳоро покиза мегардонад ва ба онҳо китоб ва ҳикмат меомӯзад ва ҳамоно онҳо пеш аз он дар гумроҳии ошкор буданд.*”

Эшон мегӯянд:

“*Бино бар тасреҳи Қуръон, нахустин вазифаи Пайғамбар он буд, ки Қуръонро ба пайравонаш таълим диҳад ва мусаллам аст, ки ҳадди ақалли шоистагӣ барои касе, ки бихоҳад китоб ё мӯҳтаваёти китоб ва дониши як китобро ба дигарон таълим диҳад, боз ҳам мутобиқи тасреҳи худи Қуръон, он аст, ки битавонад қаламро ба кор бандад ё дастикам он чиро бо қалам навишта шуда, бихонад.*“ *(Нашрияи конуни сардафтарон, нақл аз нашрияи омӯзиш ва парвариш*)

Ин истидлол, ба назар аҷиб меояд:

Аввалан, он чи мавриди иттифоқи мусалмонон аст ва мушорун илайҳ мехоҳад хилофи онро собит кунад ин аст, ки Расули Акрам қабл аз рисолат на мехонда ва на менавиштааст. Ҳадди аксари ин истидлол ин аст, ки эшон дар давраи рисолат мехонда ва менавиштаанд, чунонки ақидаи Сайиди Муртазо ва Шаъбӣ ва ҷамоате дигар бар ин аст. Пас муддаъои оқои доктор Сайид Абдуллатиф исбот намешавад.

Сонияи, аз назари даврони рисолат низ ин истидлол нотамом аст. Тавзеҳ ин ки: дар бархе аз таълимот монанди таълимоте, ки ба навомӯз медиҳанд, ки хондан ва навиштан ба ӯ биёмӯзанд, ё дар таълими риёзиёт ва амсоли он, эҳтиёҷ ба қаламу коғаз ва расму

тахтасиёҳу ғайра ҳаст ва худи муаллим бояд амал кунад, то донишомӯз ё донишҷӯ ёд бигирад, аммо таълими ҳикмат ва ахлоқ ва ҳалолу ҳаром, ки кори пайғамбарон аст, ниёзе ба қаламу коғаз ва расму тахтасиёҳ надорад.

Машшоиён аз ҳукаморо аз он ҷиҳат ”машшоин“ гуфтаанд, ки муаллим дар ҳоле, ки роҳ мерафт ва қадам мезад, ба донишҷӯён таълим мекард. Албатта барои шогирдон, ки бихоҳанд забт кунанд ва фаромӯшашон нашавад, лозим аст бинависанд. Аз ин рӯ Расули Худо ҳамвора тавсия мекард, ки суханонашро забт кунанд ва бинависанд. Мефармуд:

قيّدوا العلم

“*Донишро дар банд кунед.*” Гуфтанд: чӣ гуна дар банд кунем? Фармуд: бинависед. (*“Биҳорул-анвор”, 2/151*)

Мефармуд:

نضّر الله عبدا سمع مقالتي فوعاها وبلّغها من لم يسمعها

“*Худованд хуррам кунад бандаеро, ки сухани маро бишнавад ва забт кунад ва ба он ки нашунидааст, иблоғ намояд.” (Кофӣ, ҷ.1, с.403*)

Дар ҳадис аст, ки Расули Худо се навбат пушти сар ҳам фармуд: Худоё! Ҷонишинони маро раҳмат кун! Гуфтанд: ё Расулаллоҳ! Ҷонишинони шумо киёнанд? Фармуд: касоне, ки баъд аз ман меоянд ва гуфтаи маро ва суннати маро мегиранд ва ба мардуми дигар таълим мекунанд. (*“Биҳорул-анвор”, ҷ.2, с.144)*

Ҳамчунин мефармуд:

من حقّ الوالد على الولد أن يحسّن اسمه أم يعلّمه الكتابة وأن يزوّجه إذا بلغ

”*Аз ҳуқуқи фарзанд бар падар ин аст, ки номи нек барояш интихоб кунад, навиштан ба ӯ биёмӯзонад ва вақте, ки болиғ шуд, ҳамсар барояш интихоб кунад.” (“Васоилуш-шиъа, ҷ.3, с.134*)

Қуръони Карим дар камоли сароҳат мефармояд:

يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا إِذَا تَدَايَنْتُمْ بِدَيْنٍ إِلَىٰ أَجَلٍ مُسَمًّى فَاكْتُبُوهُ ۚ وَلْيَكْتُبْ بَيْنَكُمْ كَاتِبٌ بِالْعَدْلِ

“*Эй аҳли имон! Ҳангоме, ки нисбат ба якдигар таъаҳҳудоте барои муддати муайяне пайдо мекунед, онро бинависед. Бояд нависандае ба дурустӣ ва инсоф ва адолат онро бинависад.” (Бақара/282*)

Бинобар ин, ба дастури Худо ва паёмбараш, лозим шуд мусалмонон ба хотири ҳифзи осори диниашон ва ҳам барои адои ҳуқуқи фарзандонашон ва ҳам барои интизоми дунёшон, ба санъати шарифи навиштан ва хондан ҳиммат бигуморанд. Ҳамин ҷиҳат сабаб шуд, ки “наҳзати қалам“ ба вуҷуд ояд; essentially

афроди босаводашон ангуштшумор буданд, ончунон рӯ ба илму дониш ва хондану навиштан оварданд, ки гурӯҳе аз онҳо дар Мадина чанд забонро омӯхтанд ва тавонистанд паёми исломро бо забонҳои гуногун ба саросари ҷаҳон иблоғ намоянд.
Дар таърих мехонем, ки асирони Бадрро Пайғамбар бо гирифтани фидия озод кард.
Бархе аз онҳо, ки фақир буданд, бидуни фидя озод шуданд ва бархе, ки таълими хатт медонистанд, бо онҳо қарордод кард, ки ҳар кадомашон даҳ нафар аз кӯдакони Мадинаро хатт навиштан биёмӯзонанд ва он гоҳ озод шаванд. (*Таърихул-хамиси Диёрбакрӣ, ҷ.1, с.395; Сираи Ҳалабия, ҷ.2, с.204*)
Оре, Пайғамбар то ин ҳадд исрор дошт, ки ин санъат роиҷ шавад ва мусалмонон ба донишу омӯхтан рӯ оваранд, вале ҳеч як аз инҳо эҷоб намекунад, ки шахси Расули Акрам ниёзе дошта бошад, ки барои таълиму таблиғи мардум, аз хондан ва навиштан истифода кунад.
Муаззам лаҳ мегӯяд:
"*Худованд дар аввали сура, аз қалам ва навиштан ёд карда. Оё ин оёти сареҳ ва равшан далел нест, ки Пайғамбари ислом хондан ва навиштан медониста ва бо китобу қалам сару кор дошта?.. Чӣ гуна мумкин аст Пайғамбари Акрам мардумро ба илм ва савод ва навиштан ташвиқ кунад ва худаш ба хондан ва навиштан эътиное надошта бошад, дар сурате, ки ҳамеша дар корҳо пешқадам будааст?" (Маҷаллаи "Равшанфикр"*)
Ин истидлол низ аҷиб аст.
Албатта ин оёт далел бар ин аст, ки Худованд, ки ин оётро бар бандае барои ҳидояти бандагонаш нозил карда ва ҳам Пайғамбар, ки ин оёт бар қалби муқаддасаш фуруд омада, арзиши хондан ва навиштанро барои башар медонистаанд, аммо ин оёт на далел бар ин аст, ки Худованд бо хондан ва навиштан ва қалам ва коғаз сару кор дорад ва на Пайғамбар.
Мегӯяд: "*Пайғамбари Акрам дар ҳамаи дастурҳо, ки медода, пешқадам буда, чӣ гуна ин дастурро дода ва худ амал накардааст?*" Дуруст мисли ин аст, ки бигӯем, пизишк, ки нусхае ба бемор медиҳад, аввал бояд худаш он нусхаро ба кор бандад. Бадеҳӣ аст агар пизишк бемор гардад ва ҳамон ниёзе, ки беморон ба даво пайдо мекунанд пайдо кунад, худаш қабл аз дигарон нусхаи худро ба кор мебандад, аммо агар бемор нашуд ва ниёз пайдо накард чӣ тавр?
Бояд бибинем, Пайғамбари Акрам ҳамон ниёзе, ки дигарон ба хондан ва навиштан доранд — ки сабаб мешавад доро будани ин санъат барои онҳо камол ва фоқид будани он накс бошад — дошт ва дастури хешро ба кор набаст ва ё Пайғамбар вазъи хоссе дорад, ки чунин ниёзе надорад. Пайғамбар дар ибодат, фидокорӣ, тақво, ростӣ, дурустӣ, ҳусни

хулқ, демукросӣ, тавозӯъ ва соири ахлоқ ва одоби ҳасана пешқадам буд, зеро ҳамаи онҳо барои ӯ камол буд ва надоштани онҳо нақс буд, аммо мавзӯъи ба истилоҳ савод доштан, аз ин қабил нест.

Арзиши фавқулъодаи савод доштан барои афроди башар аз он ҷиҳат аст, ки василаи истифода кардани афроди башар аз маълумоти якдигар аст. Хутут, аломот ва румузе аст, ки афроди башар барои тафҳими афкор ва мақосиди якдигар қарордод кардаанд. Ошноӣ бо хутут, василае аст барои интиқоли маълумот аз фарде ба фарди дигар ва аз қавме ба қавми дигар ва аз насле ба насли дигар. Башар ба ин васила маълумоти худро аз фано ва нестӣ ва фаромӯшӣ ҳифз мекунад. Савод доштан аз ин назар назири забон донистан аст. Инсон ба ҳар андоза забонҳои бештаре бидонад, василаи бештаре барои касби маълумоти башарҳои дигар дар ихтиёр дорад.

Ҳеч як аз забон донистан ва савод доштан, "илм" ба маънии воқеӣ нест, аммо мифтоҳ ва калиди илм ҳаст. Илм ин аст, ки инсон ба як ҳақиқат ва як қонун, ки дар матни ҳастӣ воқеият дорад огоҳ гардад. Улуми табиӣ, мантиқ, риёзиёт илм аст, зеро башар дар ин улум як робитаи воқеӣ ва таквинӣ ва иллӣ ва маълулиро миёни ашёи хориҷӣ ё зеҳнӣ кашф мекунад, аммо донистани луғат, қоъидаҳои забон ва амсоли инҳо, илм нест, зеро моро ба як робитаи воқеӣ миёни ашё огоҳ намекунад, балки бар як силсила умури қарордодӣ ва эътиборӣ, ки аз ҳадди фарз ва қарордод таҷовуз намекунад огоҳ месозад. Донистани ин умур мифтоҳ ва калиди илм аст, на худи илм.

Оре, дар заминаи ҳамин умури қарордодӣ як ҷараёноти воқеӣ пеш меояд аз қабили татаввуроти луғатҳо ва таркибот, ки намояндаи такомули афкор аст ва тибқи як қонуни табиӣ сурат мегирад ва албатта иттилоъ бар он қонунҳои табиӣ, ҷузъи фалсафа ва илм аст, пас арзиши савод доштан, аз назари ин аст, ки инсон калиди дониши дигаронро дар даст мегирад.

Акнун бибинем, оё роҳи касби дониш мунҳасир ба ин аст, ки инсон калиди дониши дигаронро дар даст дошта бошад ва аз дониши онҳо истифода кунад? Оё пайғамбар бояд аз дониши афроди башар истифода кунад? Агар инчунин аст, пас нубуғ ва ибтикор куҷо рафт? Ишроқ ва илҳом куҷо рафт? Дониши мустақим аз табиат куҷо рафт?

Аз қазо пасттарин анвоъи донишомӯзӣ ҳамон аст, ки аз навиштаҳо ва гуфтаҳои дигарон ба даст ояд, чӣ, гузашта аз он ки шахсияти худи донишомӯз дар он дахолат надорад, дар навиштаҳои башарӣ авҳом ва ҳақоиқ ба ҳам омехтааст.

Декарт, ҳакими маъруфи фаронсавӣ пас аз он ки як силсила мақолот мунташир кард, овозаи шӯҳраташ ҳама ҷо печид ва суханони тозааш мавриди таҳсин ва эъҷоби ҳамагон қарор гирифт. Яке аз касоне, ки мақолоти вайро хонда буд ва бад-онҳо эъҷоб дошт ва

монанди доктор Сайид Абдуллатиф фикр мекард, хаёл кард, ки Декарт бар ганҷинае аз нусхаҳо ва китобҳо даст ёфта ва маълумоти хешро аз он ҷо ба даст овардааст. Ба мулоқоти вай рафт ва аз вай тақозо кард китобхонаашро ба ӯ ироа диҳад. Декарт ӯро ба муҳавватае, ки дар он ҷо ҷасади гӯсолаеро ташреҳ карда буд, роҳнамоӣ кард ва он гӯсоларо ба ӯ нишон дод ва гуфт: ин аст китобхонаи ман! Ман маълумоти худро аз ин китобҳо ба даст меоварам.

Марҳум Сайид Ҷамолуддини Асадободӣ мегуфтааст:

”*Аҷаб аст, ки баъзе афрод умреро пойи чароғ ба хондани китобҳо ва навиштаҳои инсонҳое монанди худ сарф мекунанд, аммо як шаб худ ҳамон чароғро мутолеа намекунанд. Агар як шаб китобро бибанданд ва чароғро мутолеа кунанд, маълумоти бештар ва васеътаре пайдо мекунанд.*”

Ҳеч кас олим ба дунё намеояд. Ҳамаи мардум аввал ҷоҳил ва баъд каму беш олим мегарданд. Ва ба таъбири саҳеҳтар, ҳар касе — ҷуз Худо — дар зоти худ ҷоҳил аст ва ба мӯҷиби нерӯҳо ва иллатҳо ва асбоби дигаре олим мешавад. Пас ҳар касе ниёзманд ба муаллим, яъне ниёзманди як қувва ва нерӯе аст, ки илҳомбахши ӯ бошад. Худованд дар бораи Расули Акрам мефармояд:

أَلَمْ يَجِدْكَ يَتِيمًا فَآوَىٰ. وَوَجَدَكَ ضَالًّا فَهَدَىٰ. وَوَجَدَكَ عَائِلًا فَأَغْنَىٰ

“*Оё ту ятиме набудӣ, ки Худо ба ту паноҳ дод? Гумроҳ ва бехабар набудӣ, ки Худо туро роҳнамоӣ кард ва бохабарат сохт? Тиҳидаст набудӣ, ки Худованд туро бениёз сохт?”* (*Зуҳо/6-8*)

Аммо сухан дар муаллим аст, ки лузуман чӣ ва кӣ бояд бошад? Оё инсон ҳатман бояд аз башари дигар илм биёмӯзад, пас ҳатман лозим аст калиди дониши башарҳои дигарро, ки номаш “савод доштан” аст, дар ихтиёр дошта бошад? Оё инсонро он поя нест, ки мубтакир бошад? Оё инсон наметавонад бениёз аз инсонҳои дигар, китоби табиат ва хилқатро мутолеа кунад? Оё инсонро он мақом ва дараҷа нест, ки бо ғайб ва малакут иттисол пайдо кунад ва Худованд мустақиман муаллим ва ҳодии ӯ бошад? Қуръони Карим дар бораи Пайғамбар мефармояд:

وَمَا يَنْطِقُ عَنِ الْهَوَىٰ. إِنْ هُوَ إِلَّا وَحْيٌ يُوحَىٰ. عَلَّمَهُ شَدِيدُ الْقُوَىٰ

“*Ӯ аз ҳавои нафс сухан намегӯяд, он чи мегӯяд ҷуз ваҳӣ, ки ба ӯ мерасад нест. Он ки дорои нерӯҳои зиёде аст ӯро таълим додааст.*” (*Наҷм/3-5*)

Алӣ (а) дар бораи Расули Акрам мефармояд:

**ولقد قرن الله به مذ كان فطيما أعظم ملک من ملائكته يسلک به طريق المكارم ومحاسن أخلاق العالم**

*”Аз он замон, ки кӯдак буд ва тоза аз шир гирифта шуда буд, Худованд бузургтарин фариштаи хешро маъмур ва муроқиби ӯ қарор дода, он фаришта ӯро дар роҳҳои макримат мебурд ва ба некӯтарин ахлоқи ҷаҳон савқ медод.” (Наҳҷул-балоға”, хутбаи 190*)

*Он тараф, ки ишқ меафзуд дард,*
*Бӯҳанифа-в Шофеъӣ дарсе накард…*
*Ошиқонро ҳар замоне мурданест,*
*Мурдани ушшоқ худ як навъ нест…*
*Хомушанду наъраи такрорашон,*
*Меравад то аршу тахти ёрашон.*
*Дарсашон ошӯбу чарху залзала,*
*На “Зиёдот” асту боби “Силсила”.*
*Силсилай ин қавм ҷаъди мушкбор,*
*Масъалай давр аст, лекин даври ёр…*
*Ҳар ки дар хилват ба биниш ёфт роҳ,*
*Ӯ зи донишҳо наҷӯяд дастгоҳ.*
*(Мавлоно)*

* * *

*Сӯфӣ аз партави май рози ниҳонӣ донист,*
*Гавҳари ҳар кас аз ин лаъл тавонӣ донист.*
*Шарҳи маҷмӯаи гул мурғи саҳар донаду бас,*
*Ки на ҳар, к-ӯ варақе хонд, маъонӣ донист…*
*Эй, ки аз дафтари ақл ояти ишқ омӯзӣ,*
*Тарсам ин нукта ба таҳқиқ натонӣ донист.*
*(Ҳофиз)*

Ибни Халдун дар муқаддимаи маъруфи хеш фасли:

**في أن الخط والكتابة من عداد الصنائع الإنسانية**

— баҳсе мекунад дар атрофи ин ки хатт аз он назар камол аст, ки зиндагии башар иҷтимоӣ аст ва афрод ба касби маълумоти якдигар ниёзманданд. Баъд сайри такомулии хаттро дар тамаддунҳо зикр мекунад, он гоҳ ба пайдоиши хатт дар муҳити Ҳиҷоз ишора мекунад ва сипас мегӯяд:

“*Дар садри ислом, хатт аз ҷанбаи фаннӣ мароҳили ибтидоиро тай мекард ва хутути саҳоба аз лиҳози расмулхатт холӣ аз нақс набудааст, вале баъдҳо тобеъин ва ахлофи онҳо ҳамон расмулхаттро ба унвони таяммун ва табаррук дар китобати Қуръон ҳифз карданд ва аз он таҷовуз накарданд, бо ин ки баъзе аз он расмулхаттҳо хилофи қоъида буд, бинобар ин баъзе калимоти Қуръон бо расмулхатти хоссе боқӣ монд.*”

Он гоҳ мегӯяд:

“*Камолоти фаннӣ ва амалӣ аз қабили расмулхаттро, ки бастагӣ дорад ба асбоб ва васоили зиндагӣ ва ҷанбаи нисбӣ дорад, бо камолоти мутлақ, ки фуқдони онҳо нақс дар инсонияти инсон аст ва нақси воқеӣ аст, набояд иштибоҳ кард.*”

Ибни Халдун он гоҳ мавзӯъи уммӣ будани Расули Худоро тарҳ мекунад ва хулосаи суханаш ин аст:

“*Пайғамбар уммӣ буд. Уммӣ будан барои ӯ камол буд, зеро ӯ илми хешро аз боло фаро гирифта буд. Аммо уммӣ будан барои мо нақс аст, зеро мусовӣ аст бо ҷоҳил будани мо.“ (Муқаддимаи Ибни Халдун, с.494 ва 495*)

Ояти дигаре, ки аз тарафи мушорун илайҳ ба он истинод шуда ояти 2 ва 3 аз сураи “Лам якун” аст. Мегӯяд:

“*Бисёр шигифтангез аст, ки мутарҷимон ва муфассирони Қуръон ба ин оят, ки тавсифи ҳазрати Муҳаммад (с) мебошад таваҷҷӯҳ накардаанд, ки дар он гуфта шуда:*

رَسُولٌ مِنَ اللَّهِ يَتْلُو صُحُفًا مُطَهَّرَةً

*(Баййина/2) Яъне Муҳаммад пайғамбари Худо, ки саҳифаҳои муқаддас ва мутаҳҳарро қироат мекунад. Бояд таваҷҷӯҳ кард, ки дар ин оёт гуфта нашудааст, ки Пайғамбар саҳифаҳои муқаддасро аз хотири худ нақл мекунад, балки тасреҳ шудааст, ки ин саҳифаҳоро қироат мекунад ва аз рӯ мехонад.*”

Посух ин истидлол он гоҳ равшан мешавад, ки мафҳуми ду калима аз калимоти ояти фавқуззикр равшан шавад: калимаи “саҳифа” ва калимаи “ятлу”.

“Саҳифа“ ба маънии варақ (барг) аст ва “суҳуф“ ҷамъи саҳифа аст. Маънии оят бо ҷумлаи баъд, ки мефармояд:

فِيهَا كُتُبٌ قَيِّمَةٌ

— ин аст: “*Пайғамбар баргҳои пок ва муназзаҳеро, ки дар онҳо навиштаҳое росту пойдор ҳаст барои мардум мехонад.*”

Мақсуд аз ин баргҳо ҳамон чизҳо буд, ки оёти Қуръони Маҷидро бар рӯйи онҳо менавиштаанд. Пас мақсуд ин аст, ки Пайғамбар Қуръонро бар мардум мехонад.

Калимаи “ятлу“ аз моддаи тиловат аст. Ба ҳеч мадраке барнахӯрдаем, ки тиловат ба маънии хондан аз рӯ бошад. Он чи маҷмӯан аз калимоти аҳли луғат ва аз мавориди истеъмоли калимаи “қироат” ва калимаи ”тиловат“ фаҳмида мешавад ин аст, ки ҳар сухан гуфтан, қироат ё тиловат нест. Қироат ва тиловат дар мавриде аст, ки сухане, ки хонда мешавад, марбут ба як матн бошад, хоҳ он ки он матн аз рӯ хонда шавад ё аз бар, масалан хондани Қуръон, қироат ва тиловат аст, хоҳ аз рӯйи мусҳаф хонда шавад ва ё аз ҳифз, бо як тафовут миёни худи ин ду калима: тиловат ихтисос дорад ба хондани матне, ки муқаддас бошад, вале қироат аъамм аст аз қироати оёти муқаддас ва чизи дигар. Масалан, саҳеҳ аст гуфта шавад: “Гулистони Саъдиро қироат кардам”, аммо саҳеҳ нест гуфта шавад: “Гулистони Саъдиро тиловат кардам.”

Ва дар ҳар ҳол, ин ки он матн аз бар хонда шавад ё аз рӯ, на дар мафҳуми қироат дахолат дорад ва на дар мафҳуми тиловат. Бинобар ин ояти фавқуззикр ҷуз ин намегӯяд, ки Пайғамбар оёти Қуръонро, ки бар сафаҳоте навишта шудааст, барои мардум тиловат мекунад.

Асосан чӣ эҳтиёҷе ҳаст, ки Пайғамбар ҳангоми тиловати оёти Қуръон, аз рӯ бихонад? Қуръонро садҳо нафар аз мусалмонон ҳифз буданд, оё худи Пайғамбар аз ҳифз набуд ва ниёзманд буд аз рӯ бихонад? Худованд ҳифзи ӯро хусусан тазмин карда буд:

سَنُقْرِئُكَ فَلَا تَنْسَىٰ

(*Аъло/6*)

Маҷмӯан маълум шуд, ки аз оёти Қуръон ба ҳеч ваҷҳ истифода намешавад, ки Расули Худо мехонда ва ё менавиштааст, акси он истифода мешавад ва фаразан истифода шавад, ки он ҳазрат мехонда ва менавиштааст, тоза марбут ба давраи рисолат аст ва ҳол он ки муддаъои мушорун илайҳ ин аст, ки Расули Худо қабл аз рисолат мехонда ва менавиштааст.

## 3) Таърих ва ҳадис

Оқои доктор Сайид Абдуллатиф муддаъӣ аст, ки аз таърих ва ҳадис низ метавон истифода кард, ки Расули Худо, ҳам мехонда ва ҳам менавиштааст. Ба ду ҷараён истинод мекунад:

1. Мегӯяд:

“*Бухорӣ зимни ахбор ва аҳодисе, ки дар “китоби илм” сабт карда, нақл мекунад, ки як бор Пайғамбар номае маҳрамона ба домодаш Алӣ дод ва махсусан ба ӯ гуфт боз накунад ва номи гирандаро ба хубӣ ба хотир бисупорад ва номаро ба ӯ бирасонад. Вақте, ки*

*Пайғамбар номае чунон маҳрамона мефиристод, ки ҳатто Алӣ, домод ва шахси мавриди эътимоди Пайғамбар ҳам намебоист онро бихонад ва аз он мутталеъ шавад, оё чӣ касе ҷуз худи Пайғамбар мумкин аст чунин номае навишта бошад?*"

Мутаассифона ривояте, ки дар Саҳеҳи Бухорӣ ҳаст (*ҷ.1, с.25*) ҳеч зикр намекунад, ки ҳомили нома Алӣ (а) будааст, дар сурате, ки мушорун илайҳ мехоҳад аз ин ки Пайғамбар мазмуни номаро ҳатто аз Алӣ пинҳон доштааст, истифода кунад, ки худи Пайғамбар номаро навиштааст.

Дар Саҳеҳи Бухорӣ "боби илм" мегӯяд: Пайғамбар ҷамъеро фиристод ва ба амири онҳо номае дод ва гуфт, пеш аз он ки ба фалон нуқта бирасӣ, номаро боз накун. Ҳеч намегӯяд, ки амири онҳо Алӣ буд. Ва аз мазмуни ривоят маълум аст, ки касе, ки бояд номаро боз кунад, худи ҳомили нома будааст, на шахси севвуме, ки оқои доктор Сайид Абдуллатиф пиндоштааст.

Он чи Бухорӣ дар ин ҷо оварда, марбут аст ба достони "Батни нахла", ки дар китобҳои сира ва таърих мазбут аст.

Сираи Ибни Ҳишом (*ҷ.1, с.601*) таҳти унвони "Сарийяи Абдуллоҳ ибни Ҷаҳш" ва ҳамчунин "Биҳорул-анвор" (*ҷ.6, боби 38, с.575*) айни ривоятро нақл мекунад, ки ҳомили нома, Абдуллоҳ ибни Ҷаҳш будааст. Мегӯянд, Пайғамбар ба ӯ фармуд: пас аз ду рӯзи қатъи масофат, онро боз кун ва ба он чи навишта шудааст амал кун. Абдуллоҳ ибни Ҷаҳш баъд аз ду рӯзи қатъи масофат номаро боз кард ва фармони Расули Худоро иҷро кард.

"Мағозӣ"-и Воқидӣ тасреҳ мекунад, ки нависандаи нома Убай ибни Каъб будааст, на худи Пайғамбари Акрам. Мегӯяд:

"*Абдуллоҳ ибни Ҷаҳш гуфт: як шаб баъд аз намози ишо, Пайғамбар ба ман фармуд, субҳи зуд омода ва мусаллаҳ биё, ки маъмурияте дорӣ. Пас аз намози субҳ, ки ҷамъият дар масҷид бо Пайғамбар хонданд, ман қабл аз Пайғамбар омода ва мусаллаҳ дари хонааш истода будам. Иддаи дигаре низ монанди ман омада буданд. Пайғамбар Убай ибни Каъбро эҳзор кард ва дастур дод, номае бинависад. Пайғамбар он номаи сарбастаро ба ман дод ва гуфт: туро амири ин ҷамъ қарор додам ва пас аз ду шаб, ки аз фалон роҳ меравӣ, номаи маро бигушо ва ҳар чи дар он ҷо ҳаст, амал кун. Ман пас аз ду рӯзи тайи масофат, номаро боз кардам ва дидам, фармон додааст, ба "Батни нахла" (нуқтае аст миёни Макка ва Тоиф) барои касби иттилооти лозим аз корвони Қурайш биравам. Зимнан тавсия карда, ки ҳеч кадом аз ёрони хешро маҷбур ба ҳамроҳӣ накун, ҳар ки хост, бо ту биёяд ва ҳар ки нахост, баргардад. Албатта маъмурияти*

*хатарноке буд. Ба ёрони худ гуфтам, ҳар ки омодаи шаҳодат аст, бо ман биёяд, ҳар кас омода нест, мухтор аст, ки баргардад. Ҳама як калом гуфтанд:*

نحن سامعون ومطیعون لله ورسوله ولک

*(Мо фармонбардори амри Худо ва паёмбараш ва туем…)" ("Мағозӣ"-и Воқидӣ, 1/13 ва 14*)

Пас, он чи оқои доктор Сайид Абдуллатиф ба он истинод карда, ба куллӣ беасос аст.

2. Ҷараёни дуввуме, ки дар мавриди истиноди мушорун илайҳ воқеъ шуда, ҷараёни Ҳудайбия аст. Эшон мегӯянд:

"*Ба тавре, ки Бухорӣ ва Ибни Ҳишом нақл кардаанд… Пайғамбар аҳдномаро гирифт ва бо дасти худ навишт.*"

Аввалан, Бухорӣ дар як ривоят чунин навишта ва дар ривояти дигар мухолифи онро навиштааст. Уламои аҳли тасаннун тақрибан иҷмоъ кардаанд, ки ҳарчанд зоҳири иборати Бухорӣ гумоновари ин аст, ки худи Расули Акрам навиштааст, вале манзури ровӣ ин набудааст. Сираи Ҳалабӣ пас аз он ки тибқи маъмул ҷараёнро нақл мекунад ва ҳатто менависад: "Пайғамбари Акрам барои маҳви калимаи Расулуллоҳ аз Алӣ кӯмак гирифт", ривояти Бухориро нақл мекунад ва мегӯяд, бархе муддаъӣ шудаанд, ки ин як мӯъҷиза буд, ки аз он ҳазрат зуҳур кард. Вале баъд мегӯяд:

"*Баъзе гуфтаанд, ин ривоятро ба ин шакл аҳли илм мӯътабар намедонанд. Мақсуд ин аст, ки Пайғамбар амр кард ба китобат, на ин ки худ навишт.*"

Мегӯяд:

"*Абулвалиди Боҷии Моликии Андалусӣ, ки хост зоҳири иборати Бухориро бигирад, мавриди инкори шадиди уламои Андалус воқеъ шуд." (Сираи Ҳалабия, ҷ.3, с.24*)

Ва аммо Сираи Ибни Ҳишом аслан чунин чизе надорад ва маълум нест, чаро оқои доктор Сайид Абдуллатиф чунин нисбате ба Ибни Ҳишом медиҳад.

Мо қаблан гуфтем, ки аз ҷанбаи таърихӣ, он чи аз аксари нақлҳо истифода мешавад ин аст, ки ҳар чи навишта шуд, ба василаи Алӣ (а) буд, танҳо аз иборати Табарӣ ва Ибни Асир бармеояд, ки Пайғамбар бо ин ки навиштан намедонист, бардошт ва худаш навишт.

Тоза ҳадди аксар ин аст, ки Пайғамбар дар даврони рисолат, як навбат ё бештар навиштааст ва ҳол он ки маҳалли баҳс, даврони қабл аз рисолат аст.

## Иттиҳоми мухолифон

Дар оғози ин мақола гуфтем, мухолифони Пайғамбар ва ислом дар он таърих, он ҳазратро ба дарёфти матлаб аз афвоҳи (даҳони) дигарон муттаҳам карданд (дар оёте аз Қуръон ин иттиҳом мунъакис аст), вале ба ин ҷиҳат муттаҳам накарданд, ки чун босавод аст ва хондан ва навиштан медонад, шояд китобҳое назди худ дорад ва матолибе, ки меоварад аз он китобҳо истифода кардааст.

Мумкин аст касе бигӯяд, Расули Худоро ба ин ҷиҳат низ муттаҳам кардаанд ва ин иттиҳом низ дар Қуръон мунъакис аст. Дар сураи Фурқон ояти 5 мефармояд:

وَقَالُوا أَسَاطِيرُ الْأَوَّلِينَ اكْتَتَبَهَا فَهِيَ تُمْلَىٰ عَلَيْهِ بُكْرَةً وَأَصِيلًا

“*Гуфтанд: инҳо, ки ин мегӯяд, афсонаҳои пешинён аст, ки онҳоро навишта, пас ҳар субҳу шом бар ӯ имло ва илқо мешавад*.”

Ҷавоб ин аст, ки гузашта аз ин ки иттиҳомоти душманони Пайғамбар ончунон таъассубомез ва ношӣ аз укда ва эҳсосот буд, ки ба таъбири Қуръон, ҷуз “зулму зӯр“ номе бар он натавон ниҳод, ин оят сароҳат надорад, ки онҳо муддаъӣ будаанд Пайғамбар худаш менавиштааст. Калимаи “иктитоб”, ҳам ба маънии навиштан омадааст ва ҳам ба маънии “истиктоб”, ки иборат аст аз ин ки шахсе аз дигарӣ бихоҳад, ки барои ӯ бинависад.

Зайли оят қарина аст, ки мақсуд маънии дуввум аст, зеро мазмуни оят ин аст: “Онҳо гуфтанд: афсонаҳои пешинёнро навишта (ё дигарон барояш навиштаанд), пас ҳар бомдод ва пасин бар ӯ қироат мешавад.” “Иктитоб”-ро ба сурати мозӣ ва “имло”-ро ба сурати ҷорӣ ва мустамир зикр кардааст, яъне чизҳое, ки қаблан онҳоро нависонидааст, дигарон, ки саводи хондан доранд, ҳар субҳу шом меоянд ва бар ӯ мехонанд ва ӯ аз онҳо ёд мегирад ва ҳифз мекунад. Агар худи Пайғамбар хондан медонист, лузуме надошт бигӯянд, дигарон ҳар субҳу шом бар ӯ имло кунанд, кофӣ буд бигӯянд, худаш мураҷеа мекунад ва ба зеҳн месупорад.

Пас ҳатто кофирони зӯргӯ ва тӯҳматсози замони Пайғамбар низ, ки ҳама гуна тӯҳмат ба ӯ мезаданд; девонааш мехонданд, соҳир ва ҷодугараш меномиданд, каззобаш лақаб доданд, ба таъаллуми шифоҳӣ аз афвоҳи дигарон муттаҳамаш карданд, натавонистанд иддаъо кунанд, чун хондан ва навиштан медонад, мӯҳтавиёти китобҳои дигарро ба номи худаш барои мо мехонд.

# Натиҷа

Аз маҷмӯъи он чи гузашт, маълум шуд, ки Расули Акрам ба ҳукми таърихи қатъӣ ва ба шаҳодати Қуръон ва ба ҳукми қароини фаровоне, ки аз таърихи ислом истинбот мешавад, лавҳи замираш аз таъаллум аз башар пок будааст. Ӯ инсоне аст, ки ҷуз мактаби таълими илоҳӣ мактабе надида ва ҷуз аз Ҳақ донише наомӯхтааст. Ӯ гуле аст, ки ҷуз дасти боғбони азал дасти дигаре дар парваришаш дахолат надоштааст.

Ӯ бо он ки бо қаламу коғазу маркаб ва хондану навиштан ошно набуд, дар китоби муқаддаси хеш ба қалам ва осори қалам ба унвони як амри муқаддас савганд ёд кард –

ن ۚ وَالْقَلَمِ وَمَا يَسْطُرُونَ

(*Қалам/5*) ва дар аввалин паёми осмонии худ фармони хондан дод; илму донишу санъати ба кор бурдани қаламро, пас аз неъмати офариниш, бузургтарин неъмати арзонишуда ба башар муаррифӣ кард –

اقْرَأْ بِاسْمِ رَبِّكَ الَّذِي خَلَقَ. خَلَقَ الْإِنْسَانَ مِنْ عَلَقٍ. اقْرَأْ وَرَبُّكَ الْأَكْرَمُ. الَّذِي عَلَّمَ بِالْقَلَمِ. عَلَّمَ الْإِنْسَانَ مَا لَمْ يَعْلَمْ

(*Алақ/1-5*) Он кас, ки худ қалам ба даст нагирифта буд, билофосила пас аз вуруд ба Мадина ва эҷоди имконот содда, "наҳзати қалам" эҷод кард ва бо он ки худ муаллиме аз башар надида буд ва дорулилм ва донишгоҳе тай накарда буд, худ муаллими башар ва падидоварандаи дорулилмҳо ва донишгоҳҳо шуд.

*Ситорае бидурахишду моҳи маҷлис шуд,*
*Дили рамидаи моро рафиқу мӯнис шуд.*
*Нигори ман, ки ба мактаб нарафту хат нанавишт,*
*Ба ғамза масъалаомӯзи сад мударрис шуд…*
*Карашмаи ту шаробе ба орифон паймуд,*
*Ки илм бехабар афтоду ақл беҳис шуд.*
(*Ҳофиз*)

Ҳазрати Ризо (а) дар мунозараи хеш бо арбоби адён хитоб ба Раъсулҷолут фармуд:
"*Аз ҷумла далоили сидқи ин паёмбар ин аст, ки шахсе буд ятим, тиҳидаст, чӯпон, муздкор, ҳеч китобе нахонда ва назди ҳеч устоде нарафта буд. Китобе овард, ки дар он ҳикояти паёмбарон ва хабари гузаштагон ва ояндагон ҳаст." (Уюну ахборир-Ризо, с.94*)

Он чизе, ки беш аз пеш азамат ва рифъат ва осмонӣ будани Қуръони Каримро мудаллал месозад ин аст, ки ин китоби азими осмонӣ бо ин ҳама маориф дар боби мабдаъ, маъод, инсон, ахлоқ, қонун, қасас, ибратҳо, мавоъиз ва бо ин ҳама лутфу зебоӣ ва фасоҳат, бар

забони касе ҷорӣ шуда, ки худ уммӣ будааст. На танҳо ҳеч мадраса ва донишгоҳ ва дорулилмеро дар ҳамаи умр надидааст ва бо ҳеч донишманде аз донишмандони ҷаҳон рӯ ба рӯ нашудааст, ҳатто як китоби содда аз китобҳои асри худро нахондааст.

Оят ва мӯъҷизае, ки Худованд бар охирин паёмбараш фиристод, аз навъи китоб ва навишта аст, аз навъи сухан аст, аз навъи фикр ва эҳсос аст, бо ақл ва бо фикр ва бо дил ва замир сару кор дорад. Ин китоб қарнҳост, ки қудрати хориқулъодаи маънавии худро нишон дода ва нишон медиҳад, рӯзгор наметавонад онро кӯҳна кунад, миллионҳо миллион дилро ба сӯйи худ кашида ва мекашад, нерӯи ҳаётӣ дар он мавҷ мезанад, чӣ ақлҳои муфаккиреро ба андеша ва тадаббур водошта ва чӣ дилҳоеро лабрез аз имон ва завқ ва шавқи маънавӣ карда ва чӣ мурғони саҳар ва шабзиндадоронеро ғизои руҳӣ шуда ва чӣ ашкҳоро аз ишқ ба Худо ва хавф аз Худо дар нимаҳои шаб бар гунаҳо ҷорӣ сохтааст ва чӣ миллатҳои асир ва ба занҷир кашидаро аз чанголи зулму истибдод наҷот додааст.

*Нақши Қуръон то дар ин олам нишаст,*
*Нақшаҳои коҳину попо шикаст.*
*Фош гӯям, он чи дар дил музмар аст,*
*Ин китобе нест, чизи дигар аст.*
*Чун ба ҷон даррафт, ҷон дигар шавад,*
*Ҷон чу дигар гашт, ҷаҳон дигар шавад.*
*Ҳамчу Ҳақ пинҳону ҳам пайдост ин,*
*Зиндаву пояндаву гӯёст ин.*
*(Иқболи Лоҳурӣ*)

Оре, инояти азалӣ барои ин ки оят будани ин китоб ва ваҳй буданаш бештар равшан шавад, онро бар бандае аз бандагонаш фуруд овард, ки ятим, фақир, чӯпон, саҳрогард ва дарснохонда ва мактабнодида буд.

**ذَٰلِكَ فَضْلُ اللَّهِ يُؤْتِيهِ مَنْ يَشَاءُ ۚ وَاللَّهُ ذُو الْفَضْلِ الْعَظِيمِ**

*(Ҷумъа/4)*

* * *

*Поёни китоб*